МУБОРАКШО: ДИЛИ МОДАРАМ БА РАҚИБАМ МЕСӮЗАД! с. 6
БУЗУРГДОШТИ ҲОФИЗ ДАР ЮНЕСКО с. 2
ДУ МУОВИНИ РАИСИ ИСФАРА КИСТАНД? с. 3



# ТОҶИКИСТОН

№24 (1637), 11.06.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# ДУХТАРАШРО БАР ИВАЗИ ХОНА ФУРӮХТ






## ДАР ИН ШУМОРА:

**МАРКАЗИ ТЕСТӢ**
Даври дуюми бақайдгирӣ оғоз шуд с.3

**ГУРБАИ СИЁҲ**
Байни Трамп ва Маск чӣ гузашт? с.4

**ВАЗИРИ МАОРИФ**
Таъмирпулӣ надиҳед! с.5

**$11,6 МИЛЛИАРД**
сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон с.7

**ФОҶЕАИ ҶАНГ ВА ЗАН**
Асари Чингиз Айтматов дар Театри ҷавонон с.8

**ТАЪТИЛ**
300 ҳазор кӯдак ба лагер мераванд с.5

**ВАҲДАТ**
Ҳалокати 3 кӯдак дар сӯхтор с.11

**КАНЗИ ШИФО**
7 фоидаи афшураи мевағӣ с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** сахифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# БУЗУРГДОШТИ ҲОФИЗ ДАР ПАРИЖ

**Ба муносибати 700-солагии шоири классики адабиёти форсу тоҷик Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж намоиши ҷашнӣ ифтитоҳ ёфт. Ин чорабинӣ дар ҳошияи конфронси байналмилалии илмӣ таҳти унвони «700 сол бо Ҳофиз» баргузор шуд. Дар маросими расмии ифтитоҳи намоиш вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён ва муовини Дабири кулли ЮНЕСКО Лидия Брито суханронӣ намуда, аз мақому манзалати Ҳофиз ва нақши ӯ дар рушди адабиёти ҷаҳонии форсу тоҷик ёдовар шуданд.**









## НУСХАҲОИ НОДИР ДАР НАМОИШ

Дар намоиш нусхаҳои нодири хаттии «Девони Ҳофиз» аз фонди тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба маъраз гузошта шуданд. Ин нусхаҳо дорои аҳамияти хоси илмӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Ҳамчунин, намунаҳои нодири ҳунари хушнависӣ ва санъати миниётурасозӣ, ки аз ҷониби рассоми маъруфи тоҷик Олимҷон Комилзода бо илҳом аз ғазалиёти Ҳофиз офарида шудаанд, бахши муҳими намоишро ташкил доданд.

Илова бар осори хаттӣ, тамошобинон имкони дидани намунаҳои гуногуни ҳунарҳои суннатии тоҷикӣ, аз ҷумла сӯзаниҳо, атласу адрас, мисгарӣ, кандакории рӯйи чӯб, кундал ва дигар навъҳои мероси миллии фарҳангиро низ пайдо карданд.

Ҳадафи асосии намоиш арҷгузорӣ ба осори бебаҳои Хоҷа Ҳофиз ва муаррифии мероси фарҳангии мардуми тоҷик дар маркази фарҳангии Аврупо мебошад.

## ТОҶИКИСТОНРО КИҲО МУАРРИФӢ МЕКУНАНД?

Дар ҷашнвораи Ҳофизи Шерозӣ дар Париж аҳли санъату ҳунар ва донишмандони тоҷик низ иштирок доранд.

Бино ба иттилои Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, дар ҳошияи ин ҳамоиш "Шоми шашмақом" доир мегардад, ки дар он ансамбли давлатии "Шашмақом"-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов таҳти роҳбарии Фуркат Саидзода, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва ансамбли рақсии "Гулрез" иштирок мекунанд.

Дар ин ҷашнвора ҳамчунин Ситораи Кароматулло, Шоҳрух Юнусов ва Фирдавс Ҳошимов, овозхонҳои тоҷик якҷо бо оркестри Пориси Шарқӣ ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

Дар конфронси илмӣ бошад, олимони тоҷик ширкату суханронӣ мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки ҷашнвораи "700 сол бо Ҳофиз" дар Қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж то 14-уми июн идома меёбад. Дар доираи ин ҷашнвора олимону ҳофизшиносон аз саросари ҷаҳон ширкат варзида, перомуни эҷодиёт, ҳаёту фаъолият ва таъсири ашъори ӯ ҳарф мезананд.

Ҳофизи Шерозӣ бузургтарин шоири ғазалсарои тоҷику форс буда, соли 1325 дар шаҳри Шероз таваллуд шудааст. Номи шоир Шамсиддин Муҳаммад аст ва чун ӯ Қуръонро аз ёд медонист ва ба 14 навъ онро тиловат мекард, ба ӯ тахаллуси "Ҳофиз" додаанд.

Ҳарчанд аз марги Ҳофизи Шерозӣ ҳудуди 700 сол гузаштааст, аммо имрӯз ҳам ном ва осори пурғановати ӯ ҷовидон аст. Ӯро дӯстдорони шеъри тоҷикӣ-форсӣ "Лисон-ул-ғайб", яъне донандаи забони ғайб мегӯянд ва ба Ҳофиз эътиқоди зиёд доранд.

## САРИ САБЗ



**Ганҷина САФАРОВА,**
**иқтисодчӣ ва лӯхтаксоз**

**- Хостанд одамоне, ки аз ғамхорӣ ва дилсузӣ мегӯянд, ки лӯхтакҳоят хеле арзонанд, дар ҳоле, ки дар дигар кишварҳо арзиши миёнаи чунин лӯхтакҳои дастдӯз 200-300 доллар аст. Вале боз хостанд онҳое, ки кори эҷодиро арзон гирифтан меҳоҳанд.**

*- "Оби дари хона лой" гуфтагияш ҳамин-дия! Вақте ки зеҳни суннӣ рушд кардаву хурду калон ба он ҷалб шуда истодаанд, фикри авлавият додан ба лӯхтакҳои дастдӯз шояд дар сари кам касон пайдо шавад.*



**Абдулло СУБҲОН,**
**шоир ва рӯзноманигор**

**- Боре ҳампартаам маро ба омӯзгори забон ва адабиёт "фурӯхт". Муаллим иҷборӣ дафтарҳои "шеър"-амро аз киф гирифт. Рӯзи дигар маро ба гӯшае хонду изҳори назар кард: "Шеърҳоят хубанд. Дуздӣ нестанд? Навис, шеърҳои аввалини Рӯдакӣ низ дар ин поя будаанд".**

*- Зӯр ку! Аз ин мебарояд, ки шумо ҳам истеъдоди Рӯдакиро доред ва метавонед дар оянда Одамушуарои сонӣ шавед. Барои ҳамин, аз он ҳампартаатон хафа нашаведу баръакс, сипосгузор бошед.*



**Мунира ДАДАЕВА,**
**директори Театри Маяковский**

**- Ман аз 4-солагиам дар саҳнаам ва дар театр ба воя расидаам. Ба ҷуз интихоби театр дигар интихобе надоштам ва худамро дар театр хушбахт ҳис мекунам... Ман ҳунарпешаи театр ҳастам, на кино. Бароям кор дар театр хеле хуб аст, чунки ин ҷо ҳама чиз зинда аст.**

*- Дуруст, аммо агар махфӣ набошад, мегуфтед, ки дар театр ҳақи заҳмати муносибу шоиста гирифтан мумкин аст ё дар кино? Зеро, чизи зинда хуб, вале зиндагӣ ҳам кардан даркор аст ку.*

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ПОРИС

## Аз пешниҳоди таъсиси Маркази яхшиносӣ то мулоқот бо Эммануэл Макрон

**8-уми июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба укёнус ва муаррифии оғози Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ), солҳои 2025-2034 ба Ҷумҳурии Фаронса сафар кард. Ҳамчунин, дар ин сафар сарвари кишвар бо Президенти Фаронса Эммануэл Макрон дидору мулоқот дошт.**



### ПЕШНИҲОДИ ТАЪСИСИ МАРКАЗИ ЯХШИНОСӢ

8-уми июн Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нитсаи Фаронса дар чорабинии Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (2025-2034) ширкат ва суханронӣ кард.

Президенти Тоҷикистон аз вазъи ташвишовари тағйирёбии иқлим, таъсири он ба муҳити зист, обшавии бесобиқаи пиряхҳо ва норасоии оби тоза сухан карда, аз паёмадҳои харобиовари обшавии пиряхҳо ва таъсиру зарари он ба иқтисодиёт, экосистемаҳои кишварҳо ва ҳаёти одамон ёдовар шудааст. Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, ки қариб 60 дарсади пиряхҳои Осиёи Марказӣ дар кӯҳҳои Тоҷикистон воқеъ аст. Ба гуфтаи ӯ, тӯли 20 соли ташаббускориҳои Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим 14 қатъномаи Тоҷикистон дар ин самт аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдорӣ шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз коҳишёбии пиряхҳо нигаронӣ карда, таҳдиди онро ба мардуми сайёра таъкид намудааст. Ба гуфтаи ӯ, ин раванд то соли 2050 метавонад ба як миллиард аҳолии минтақаҳои наздисоҳилӣ ва ҷазиракишварҳо таъсир расонад.

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон пешниҳод кард, ки бо мақсади омӯзиши таъсири тағйирёбии иқлим дар Душанбе Маркази ҳамоҳангсозии минтақавии яхшиносӣ таъсис дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ аз ҳамоиши "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо", ки аз 29 то 31-уми майи соли ҷорӣ дар Душанбе баргузор шуд, изҳори қаноатмандӣ кард.

Ёдовар мешавем, ки чорабинии Даҳсолаи байналмилалии амал барои илмҳои яхшиносӣ дар доираи Конфронси сеюми СММ оид ба укёнус баргузор шудааст. Дар он роҳбарони 65 кишвари ҷаҳон, Антониу Гутерриш - Дабири кулли СММ ва роҳбарони як қатор созмонҳои байналмилалию минтақавӣ иштирок кардаанд.

### МУЛОҚОТ БО МАКРОН

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи дуюми сафари кориаш дар шаҳри Нитсаи Фаронса бо Эммануэл Макрон, раисҷумҳури ин кишвар мулоқот ва дар Конфронси СММ оид ба укёнус ширкат ва суханронӣ кард.

Дафтари матбуоти президент хабар медиҳад, ки дар вохӯрӣ бо президенти Фаронса ҷонибҳо ба рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷоративу иқтисодӣ, энергетика, саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоя ва технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд. Эмомалӣ Раҳмон аз Эммануэл Макрон даъват кардааст, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон биёяд.

Ҳамчунин, раисҷумҳури кишвар зимни суханрониаш дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба укёнус гуфтааст, ки ҳифзи укёнус ва захираҳои обӣ вазифаи тамоми кишварҳои ҷаҳон буда, танҳо тавассути андешидани тадбирҳои муштарак ва ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ амалӣ мегардад.

"Дар ин замина пешниҳод менамоям, ки барои ҳифзи экосистемаҳои соҳилӣ ва баҳрӣ ва минтақаҳои ташаккули манбаъҳои оби тоза теъдоди фондҳои глобалӣ афзун карда шаванд",- гуфтааст раисҷумҳури кишвар.

Ӯ дар идома аз ташаббуси глобалии Тоҷикистон дар доираи "Раванди оби Душанбе" ёдовар шуда, гуфтааст, ки давоми ду даҳсола кишварҳои узви СММ ва ниҳодҳои он ва дигар ҷонибҳоро барои муҳокимаи мушкилоти иқлим ба ҳам овард.

"Дар баробари афзоиши бесобиқаи талабот ба об, обшавии босуръати пиряхҳо ва коҳиши захираҳои онҳо боиси нигаронии амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Тайи чанд даҳсолаи охир аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон зиёда аз 1300 адади онҳо пурра об шуда, нобуд гардидааст",- иброз доштааст Эмомалӣ Раҳмон.

Гуфта мешавад, ки Конфронси сеюми СММ оид ба укёнус бо ширкати 15 ҳазор иштирокдор аз 120 давлати ҷаҳон ва зиёда аз 70 созмони байналмилалию минтақавӣ, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои 50 кишвар баргузор гардид.

# ММТ: ДАВРИ ДУЮМИ БАҚАЙДГИРӢ ОҒОЗ ШУД

**10-уми июн даври дуюми бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар оғоз шуд.**

Ин давр барои довталабоне мебошад, ки дар даври асосии бақайдгирӣ (аз 1-уми март то 2-юми май) номнавис нашудаанд ё мехоҳанд интихоби худро тағйир диҳанд.

Нуктаҳои бақайдгирӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент, Хоруғ, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғараву Рашт фаъоланд. Довталабон метавонанд то 30-юми июн ҳуҷҷатҳои худро ба Маркази миллии тестӣ (ММТ) пешниҳод намоянд.

Абдулбосит Шодиниё, муовини якуми директори Маркази миллии тестӣ гуфт, довталабоне, ки дар даври якум номнавис шудаанд ва мехоҳанд интихоби худро иваз кунанд, метавонанд дар даври дуюм бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва расиди бонкӣ интихоби худро дар нуктаҳои бақайдгирӣ иваз намоянд.

Ҳамчунин, довталабоне, ки мехоҳанд аз имтиҳон даст кашанд, метавонанд дар ин давра бо ариза муроҷиат намуда, маблағи пардохтаашонро бозпас гиранд.

Даври сеюми бақайдгирӣ барои ҷойҳои холимонда аз 2-юм то 13-уми сентябр баргузор мешавад ва довталабон бо пардохти 30 сомонӣ метавонанд интихоби худро тағйир диҳанд.

Даври чоруми бақайдгирӣ аз 29-уми октябр то 28-уми ноябр идома меёбад ва танҳо шаклҳои таҳсили ғоибона ва фосилавӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи иттилои ММТ, дар даври аввали бақайдгирӣ зиёда аз 107 ҳазор довталаб номнавис шудаанд ва нақшаи қабул дар соли равон 113 ҳазору 884 ҷой мебошад.

# ДУ МУОВИНИ НАВИ РАИСИ ИСФАРА

**Дар мувофиқа бо Президенти Тоҷикистон Илёс Ҳамзазода ва Парвина Хуршедзода муовинони нави раиси шаҳри Исфара таъин шудаанд. Дар ин бора хадамоти матбуотии МИҲД-и шаҳр хабар медиҳад.**

### МУОВИНОНИ НАВ КИСТАНД?



**Ҳамзазода Илёс Аббос** 44 сол дорад. Аз рӯйи ихтисос байтор мебошад. Академияи байтории шаҳри Қазонро хатм карда ва солҳо дар Раёсати кишоварзии шаҳри Исфара фаъолият кардааст. Ӯ аз соли 2022 сардори Раёсати кишоварзии шаҳр буд.

Ҳамзазода дар вазифаи нав ҷойгузини Муҳаммад Муҳиддинзода шуд. Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия чанд моҳ пеш ба муқобили Муҳиддинзода ва чанд мансабдори дигар барои фурӯши замин парвандаи ҷиноятӣ боз карда буд. Суди шаҳри Исфара ӯро 24 ҳазор сомонӣ ҷарима кард. Бо вуҷуди ин, Муҳиддинзода чанд моҳи дигар дар вазифааш кор кард.



**Парвина Хуршедзода** дар вазифаи муовини раиси шаҳри Исфара Мадина Бобоиёнро, ки моҳи марти соли равон вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуд, иваз кард.

Хуршедзода 40 сол дорад ва аз рӯйи ихтисос ҳуқуқшинос мебошад. Баъди хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар идораҳои гуногуни шаҳри Исфара, аз ҷумла шуъбаи корҳои дохилӣ, прокуратура, ҳадамоти шиносномадиҳӣ ва бонк кор кардааст. Аз соли 2022 раиси ҷамоати деҳоти Навгилем буд.

## Ширкати 1,5 млн нафар дар маросими Ҳаҷ



**Мақомоти Арабистони Саудӣ эълон карданд, ки имсол 1,5 миллион шаҳрванди хориҷӣ ва 166 ҳазор сокини маҳаллӣ ҳаҷи фарзиро адо кардаанд.**

Гуфта мешавад, ки бо назардошти фавти зойирони зиёд дар солҳои пеш, Арабистони Саудӣ имсол тадобири амниятиро сахтар кардааст, то аз маргумири зиёд дар маъракаи ҳаҷ пешгирӣ шавад. Соли 2024 ба сабаби гармои сахт бештар аз 1300 зойир дар Арабистони Саудӣ ҷон доданд. Мақомот гуфтанд, ки барои такрор нашудани ин холат тадобири амниятиро тақвият бахшидаанд, аз ҷумла зиёрати ҳаҷ барои кӯдакони то 12-сола манъ карда шуд. Имсол аз Тоҷикистон ҳудуди 7 ҳазор кас ба зиёрати Маккаву Мадина рафта буданд.

ALJAZEERA

## ИМА ба рӯйи шаҳрвандони 10 кишвар баста шуд



**Шурӯъ аз 9-уми июн фармони президент Доналд Трамп дар бораи манъи вуруди шаҳрвандони 12 кишвар ба Амрико ба иҷро даромад. Бар асоси ин фармон, шаҳрвандони Афғонистон, Эрон, Мянмар, Чад, Конго, Гвинея, Еритерия, Ҳаитӣ, Либия, Сомали, Судон ва Яман наметавонанд ба Амрико сафар кунанд.**

Илова бар ин, маҳдудиятҳои бештаре низ барои мусофирон аз кишварҳои Бурунди, Куба, Лаос, Серра-Леоне, Того, Туркманистон ва Венесуэла ҷорӣ шудааст.

Ба гуфтаи мақомоти Амрико, раводиде, ки ба шаҳрвандони ин кишварҳо пештар дода шуда буд, эътибори худро нигоҳ медорад ва дорандагони он метавонанд ба ИМА ворид шаванд. Аммо дархости нави шаҳрвандони ин кишвар аз ин ба баъд ба истисноӣ ҳолатҳои муайян рад мешудааст.

BBC

# ГУРБАИ СИЁҲ

## Байни Трамп ва Маск чӣ гузашт?



**Миллиардер Илон Маск дар шабакаи X президенти ИМА Доналд Трампро интиқод кард. Трамп қаблан гуфта буд, ки аз Маск дилсард шудааст. Муносибати ин ду чеҳраи таъсиргузор дар Амрико ва ҷаҳонро дар ҳафтаи охир метавон чун масали тоҷикӣ - "аз байнашон гурбаи сиёҳ гузашт" арзёбӣ кард.**

Маск дар посух ба Трамп навишт: "Бе ман Трамп дар интихобот мағлуб мешуд, демократҳо Маҷлиси намояндагонро тахти назорат мегирифтанд ва ҷумҳурихоҳҳо дар Сенат мағлуб мешуданд. Чӣ носипосӣ".

Изҳороти Маск баъди он нашр шуд, ки дар як нишасти хабарии рӯзи панҷшанбе дар Кохи Сафед Трамп гуфт, ки аз танқидҳои Маск дар робита бо тарҳи қонуне, ки дар он барномаи иқтисодии президент дарҷ ёфтааст, "ҳайратзада" ва "дилсард" шуд.

"Ман аз он ҷиҳат дилсард шудам, ки Илон дар бораи кор сари таҳияи қонун аз онҳое ҳам, ки ин ҷо нишастаанд, аз шумоён ҳам бештар маълумот дошт. Дар бораи ҳама чиз огаҳ буд. Ҳеҷ мушкиле бо ин масъала надошт",- гуфт Трамп дар нишасти матбуотии муштаракаш бо садри аъзами Олмон Фридрих Мертс рӯзи 5-уми июн. Ӯ афзуд, "ногаҳон ӯ фаҳмид, ки мушкиле пеш меояд ва он ҳам баъди он ки фаҳмид, мо бояд маблағгузории соҳаи электромобилҳоро коҳиш диҳем".

Маск баъд дар як изҳороте дар шабакаи X навишт, ки матни қонунро то замони қабули он надида буд. «Ба ман ҳеҷ гоҳ ин тарҳи қонунро нишон надоданд ва он чунон зуд қабул шуд, ки касе ҳам дар Конгресс барои хондани он дуруст вақт надошт».

Маск аъзои ҳизби ҷумхурихоҳ ва президентро барои фосилагирӣ аз сиёсати эълоншудаи коҳиши камбуди буҷа танқид кард. Трамп дар посух гуфт, ки «оддитарин роҳи кам кардани буҷа» ин бекор кардани ҳама созишу барномаҳои дастгирии ширкатҳои Маск мебошад. Трамп дар Truth навишт: "Ҳамеша аз он дар ҳайрат будам, ки Байден хамин корро накард".

Ба ин навишта Илон Маск гуфт, ширкати SpaceX барномаи киштии кайҳонии "Дрэгон"-ро мебандад, ки кайҳоннавардонро ба истгоҳи кайҳонӣ интиқол медиҳад.

Баъди ин ҷанҷоли лафзии Трампу Маск қимати саҳоми ширкати Tesla, ки ба миллиардер Маск марбут аст, то 15% коҳиш ёфт ва ин поинтарин уфти саҳом барои як рӯз дар давоми се моҳи охир дониста мешавад. SpaceX дар бозори саҳом иштирок намекунад.

Маск барои маъракаи интихоботии Трамп беш аз 250 миллион доллар сарф карда, дар маъмурияти ӯ кор кардааст.

Илон Маск рӯзи 30-юми май маъмурияти Трампро тарк кард. Он ҷо ӯ давоми 130 рӯз раҳбарии идораи муассирияти кори ҳукумат (DOGE)-ро раҳбарӣ мекард. Ин идораро бо максади кам кардани хароҷоти ҳукумат таъсис доданд. Баъди хатми давраи кор Трамп ба Маск калиди тиллоии рамзии Кохи Сафедро ҳамчун аломати сипос барои кораш тақдим намуд.

Расонаҳои амикоӣ чанд рӯз пеш ба сиёҳии зери чашми Маск ишора карда навиштанд, ки ӯ зимни баррасии қонун бо вазири иқтисоди ин кишвар бархӯрд карда, аз ӯ мушт хӯрдааст.

Танишҳои лафзӣ байни Илон Маск ва Доналд Трамп мавзӯи меҳварии расонаҳо дар чанд рӯзи охир буд. Ҳатто падари Маск писарашро ба сабурӣ даъват кард. Ахиран миллиардер ва соҳиби шабакаи X аз бархе навиштаҳояш дар шабакаи иҷтимоии зери назараш дар нисбат ба Доналд Трамп, президенти ИМА узрхоҳӣ кард.

Ӯ дар навиштае аз рӯзи 11-уми июн дар саҳифааш дар шабакаи X гуфтааст, ки пушаймон аст ва дар бархе навиштаҳояш "аз ҳад гузарондааст".



## УКРАИНА ВА РУСИЯ АСИРОНРО ИВАЗ КАРДАНД

**Украина ва Русия даври дуюми табодули асиронро анҷом додаанд. Дар ин бора Вазорати дифои Русия ва ҳам президенти Украина Владимир Зеленский хабар додаанд.**

Ба гуфтаи Зеленский, рӯзи 10-уми июн даҳҳо асири украинӣ баргардонда шуданд, ки сахт захмӣ мебошанд. Инҳо сарбозон ва афсарони артиш, Гвардияи миллӣ, Хадамоти сарҳадбонӣ ва Хадамоти махсуси нақлиёт мебошанд. "Ҳамаи онҳо ба кумаки фаврии тиббӣ ниёз доранд",- навиштааст Зеленский.

Раисҷумҳури Украина таъкид кардааст, ки табодули асирон бояд давом ёбад. Владимир Зеленский ваъда додааст, ки ҳама корро мекунанд, то охирин асирро баргардонанд.

Дар ҳамин ҳол Вазорати дифои Русия хабар додааст, ки гурӯҳи дуюми сарбозони рус баргардонида шудаанд. Аммо ду тараф нагуфтаанд, ки дар ин дари табодул чанд асирро иваз кардаанд.

Рӯзи 9-уми июн Русия ва Украина асирони то 25-соларо иваз карда буданд. Аммо ду тараф шумораи онҳоро фош накарданд. Зеленский хабар додааст, ки иваз кардани асирон рӯзҳои оянда низ идома мекунад.

## ЭРОН ҲУҶҶАТҲОИ МАХФИИ ИСРОИЛРО БА ДАСТ ОВАРД



**Расонаҳои давлатии Эрон хабар додаанд, ки ҷосусони ин кишвар як бастаи калони ҳуҷҷатҳои махфии Исроилро ба даст овардаанд. Исроил то ин лаҳза ба иддаои Эрон расман ягон вокуниш накардааст.**

Хабаргузориҳои маҳаллии Эрон 7-уми июн навиштанд, ки баъзе аз ҳуҷҷатҳои бадастомада марбут ба барнома ва таъсисоти ҳастаии Исроил аст, аммо ҷузъиёти бештар надоданд.

Хабаргузории "Садо ва симо" ба нақл аз "манбаи огоҳ дар дастгоҳи амниятӣ" муддаӣ шудааст, ки Эрон "ба анбухе аз иттилоот ва ҳуҷҷатҳои хассос"-и Исроил, аз ҷумла "ҳазорон ҳуҷҷати вобаста ба таъсисоти атомии он" даст ёфтааст. Айни ин хабарро чанд расонаи дигар дар Эрон нашр карданд, аммо ҷузъиёти хосе дар бораи ҳуҷҷатҳо надодаанд.

Исроил ба ин хабар то лаҳзаи нашри ин матлаб вокуниши расмӣ накардааст. Аммо рӯзномаи "Ерусалим Пост" бо бознашри хабари расонаҳои эронӣ навишт, ки ҳанӯз моҳи май ду исроилӣ бо айбномаи ҷосусӣ ба нафъи Эрон боздошт шудаанд.

Нашри ин хабар дар ҳолест, ки танишҳо бар сари барномаи ҳастаии Эрон афзоиш ёфтааст.

# ТАЪТИЛ ОҒОЗ ШУД!

## Беш аз 300 ҳазор кӯдаку наврас ба "лагер" мераванд

**РӮЗИ 12-УМИ ИЮН МАВСИМИ ИСТИРОҲАТИ ТОБИСТОНА БАРОИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН ДАР ТОҶИКИСТОН ОҒОЗ ШУД. ГУФТА МЕШАВАД, КИ ДАР ИН МАВСИМ ЗИЁДА АЗ 303 ҲАЗОР КӮДАКУ НАВРАС ДАР 3 ҲАЗОРУ 740 ИСТИРОҲАТГОҲ (ЛАГЕРҲО) БА ИСТИРОҲАТУ ФАРОҒАТ ФАРО ГИРИФТА МЕШАВАНД.**



Аз Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба "Азия-плюс" хабар медиҳанд, ки соли равон кӯдакон дар 28 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ, 1637 мактабӣ, 527 солимгардониву варзишӣ, 392 солимгардониву меҳнатӣ, 759 таълимиву фароғатӣ ва 377 осоишгоҳҳо истироҳат мекунанд.

Зиёда аз 303 ҳазор кӯдаку наврас, аз ҷумла кӯдакони ятим, ғолибони олимпиадаву озмунҳо, инчунин, кӯдакон аз хонаводаҳои камбизоат ва имкониятаашон маҳдуд ба истироҳат ва солимгардонӣ фаро гирифта мешаванд.

"Ба ҷалби истироҳати тобистонаи кӯдакони ятим ва ғолибони олимпиадаву озмунҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Имсол, масалан, 709 кӯдакони ятим, 4391 нимятим, инчунин 39 ҳазору 907 ғолибони олимпиада ба истироҳатгоҳҳо равон мешаванд",- хабар медиҳанд аз ин Марказ.

Басти аввали мавсими тобистон 12-уми июн оғоз гардида, 12 рӯз давом мекунад. Осоишгоҳҳо дар 1-4 баст кор карда, барои кӯдакону наврасон чорабиниҳои варзишиву фарҳангӣ ва фароғатӣ, маҳфилҳои забони хориҷӣ, компютер ва фанҳои дақиқ роҳандозӣ мешаванд.

**Истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар фаъол хоҳанд буд:**

*- дар ВМКБ - 5-то;*
*- дар вилояти Суғд - 10-то;*
*- дар вилояти Хатлон - 4-то;*
*- дар Душанбе - 2-то;*
*- дар шаҳру навоҳии тобеи марказ - 7-то.*

Қаблан Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар ҷаласаи ситоди ҷумҳуриявии "Тобистон-2025" бо роҳбарону мудирони истироҳатгоҳҳо хабар дод, ки барои таъмини истироҳати босифат ҳудуди 5000 истироҳатгоҳҳо (томактабӣ, варзишӣ, дармонӣ, солимгардонӣ ва меҳнатӣ) ба корҳои омодагӣ ба мавсими тобистон оғоз кардаанд. Дар онҳо зиёда аз 250 ҳазор кӯдакону наврасон метавонанд истироҳати тобистонаи худро гузаронанд.

Ҳамасола дар фасли тобистон дар Тоҷикистон ба лагер фиристодани кӯдакону наврасон мушкил мешавад, зеро на ҳар хонавода имкон дорад, ки фарзандонашро ба лагерҳо фиристад. Нархи миёнаи лагерҳо дар кишвар аз 1500 то 3000 сомонӣ (барои аз як хафта то 10 рӯз) аст.

Дар шумораҳои оянда мо ба шумо дар бораи лагерҳои тобистона барои кӯдакону наврасон маълумот медиҳем.

# ТАЪМИРПУЛӢ ҶАМЪ НАКУНЕД!

**Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон гуфтааст, ки барои таъмири мактабҳо маблағ ҷамъ накунанд. Ӯ ин нуктаро дар вохӯрӣ бо омӯзгорони як мактаб дар вилояти Хатлон таъкид кардааст.**



Вазорати маориф ва илм иттилоъ додааст, ки Раҳим Саидзода рӯзи 7-уми июн аз мактаби №14-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ боздид ва бо омӯзгорон суҳбат кардааст.

Ҳангоми суҳбат вазир ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, риояи талаботи қонунгузорӣ, ҷалб накардани омӯзгорон ба обунаи нашрияҳои ғайрисоҳавӣ ва манъи ҷамъи маблағ барои таъмиру дигар эҳтиёҷоти муассиса таъкид кардааст.

Қаблан Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе низ хушдор дода буд, ки ҷамъоварии ҳама намуди маблағ барои таъмиру гармикунонии мактабу кӯдакистонҳо манъ аст. Вале бо ин вуҷуд ҳар сол дар моварои анҷоми соли хониш масъалаи талаби пул барои таъмири мактаб доғ мешавад.

Бояд гуфт, ки масъалаи нокифоягии мактабҳо, мизу курсӣ, синфхонаҳои таълимӣ, таъмирталаб будани онҳо ва ҷамъи иҷбории маблағ аз хонандагон дар Тоҷикистон ташвишовар арзёбӣ мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон, раисҷумҳури кишвар низ дар яке аз суханрониҳояш гуфта буд, ки 314 бинои мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 378 бинои муассисаи таълимӣ таъмирталаб мебошад.

Ба гуфтаи ӯ, инчунин дар 50 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо сабаби камбуди синфхона, хонандагон дар се баст таълим мегиранд.

## РЕЗААХБОР

11-уми июн Рустами Эмомалӣ, шаҳрдори Душанбе бо Сурур бин Муҳаммад, намояндаи аршади оилаи хокими Абу Забӣ мулоқот анҷом дод. Ҷонибҳо масъалаҳои таквияти ҳамкориҳо дар соҳаҳои рушди инфрасохтор, сохтмону сайёҳӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, инноватсия, иқтисоди сабз ва дигар бахшҳоро баррасӣ кардаанд.

***

Раиси шаҳри Кирмоншоҳи Эрон Нодир Наврӯзӣ дар мулоқот бо муовини раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода пешниҳод кард, ки миёни шаҳрҳои Кирмоншоҳ ва Душанбе муносибатҳои расмии "хохаршаҳрӣ" баркарор шавад. Ӯ гуфт, ки ин иқдом метавонад заминаи густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ, шаҳрсозӣ ва иқтисодии миёни ду кишварро суръат бахшад.

***

Дар шаҳри Душанбе таҳрибі мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №20 ба номи Пушкин оғоз шуд. Дар ҷойи бинои кӯҳна мактаби нави муосири ҷорошёна сохта мешавад. Мактаби нав бо ошхона, китобхонаи электронӣ, майдони варзишии калон ва толори варзишӣ муҷаҳҳаз мешавад. Айни замон хонандагони мактаби №20 ба мактаби №55-и пойтахт гузаронида шуда, дар он ҷо ҳозир хатмкунандагон имтиҳон месупоранд.

***

Аз маркази матбуоти Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе хабар медиҳанд, ки аз аввали моҳи май бо мақсади риояи қоидаҳои байналмилалии амнияти парвозҳо, нигох доштани тартиботи ҷамъиятӣ, иҷрои меъёрҳои беҳдоштӣ, аз ҷумла пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва тоза нигоҳ доштани фурудгоҳ шахсоне, ки барои гусел ё истиқболи мусофирон меоянд, ба даруни фурудгоҳ даромада наметавонанд.

***

Рӯзи 9-уми июн дар кӯчаи Пушкини шаҳри Душанбе, дар наздикии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия (РТСУ) балкони як бинои сохташаванда фурӯ рехт. Тибқи маълумоти пешакӣ, дар натиҷаи ҳодиса касе осеб надидааст. Дар бораи сабабҳои рух додани ҳодиса ва хисороти эҳтимолӣ маълумоти расмӣ ҳанӯз дастрас нест.

# НАМУНАИ БАРҶАСТАИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО БАХШИ ХУСУСӢ



**Чун сухан дар бораи IRS равад, пеш аз ҳама, бояд madди назар дошта бошем, ки фаъолияти он бо мақсади таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ роҳандозӣ шудааст. Аксарият хуб медонанд, ки нигоҳдории роҳ осон нест ва хароҷоти бениҳоят зиёд дорад. Мантиқан пулакӣ шудани роҳи Душанбе-Чаноқ низ ба хотири сарфа намудани маблағҳои буҷети давлат ва минбаъд равона намудани он ба самтҳои дигар, аз ҷумла пардохти қарз амалӣ шудааст. Ба ибораи дигар, дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин вазифа (нигоҳдории роҳ) ба зиммаи дувумӣ вогузор гардид.**

Мехохем як нуктаи муҳимро таъкид намоем, ки пули барои истифодаи роҳ пардохтнамудаи аҳолӣ барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад. Хулоса, дар давоми 15 сол собит шуд, ки пулакӣ кардани роҳи Душанбе-Чаноқ тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти ҳолати роҳи стратегии кишвар дахл дорад. Бояд эътироф кард, ки дар муқоиса ба дигар роҳҳои кишвар, вазъи роҳи Душанбе - Чанок хеле беҳтар буда, сарфи назар аз он ки аз минтақаи релефи душвори кӯҳистон мегузараду дар мавзеи аз офатҳои табиӣ зиёдтар осебпазир воқеъ мебошад, ҳаракати муназзаму бехатари воситаҳои нақлиёт тариқи он таъмин аст. Табиист, ки ҳолати хуби роҳи мавриди назар самараи масъулиятшиносии нигоҳбони он - филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Муҳимтар аз ҳама, бо бунёд ва ба меъёрҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонидани он на танҳо ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар тамоми фаслҳои сол байни ҷанубу шимоли мамлакат таъмин гардид, инчунин аз тариқи қаламрави кишвари мо барои робитаҳои нақлиётии давлатҳои ҳамсояи ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо шароити мусоид фароҳам омад.

Эътироф бояд кард, ки дар он замон ба бунёди чунин шоҳроҳи бузург на ҳар кас хушбин буд. Ҳатто баъзе аз мутахассисони соҳаи роҳсозиву пулсозиву нақбсозӣ иҷрои лоиҳаи мазкурро зери шубҳа бурданд.

Журналист Абдуқодири Раҳим дар китобаш «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» барҳақ нигоштааст: «Чанд сол пеш бархе ҳеҷ бовар надоштанд, ки шоҳроҳи Душанбе-Чанок бо сифати баланд, ҷавобгӯй ба талаботи ҷаҳонӣ таҷдид мегардад. Ин шоҳроҳ аз ҳама шоҳроҳҳои кишвар ва тамоми мамолики дунё ба ағбаҳои баланду печ дар печ, замину кӯҳҳои сахт тафовут дошт. Зимистони сарду пурбарф, баҳори сербориш ба сохтмон монеа эҷод менамуд. Чун барои ин кор сармояи хориҷӣ ҷалб гардид, боз ҳангома бардоштанд. Гӯё дилсӯзи миллат буданд, ки барои қарзу баргардондани он борхо изҳори андеша карданду давлатро ба чашми мардум нотавон нишон доданд. Дар рафти сохтмону таҷдид низ доираи ҳангомаҳову шубҳаҳоро васеъ карданду зиёд. Хушбахтона, шоҳроҳ бо иншооташ сохта шуд».

Эътироф бояд кард, ки роҳи мавриди назар то пурра бозсозӣ шудан душворгузар махсуб мешуд. Мардум азобҳои дар роҳҳои пурпечутобу хатарноки Душанбе-Айнӣ-Панҷакент, Душанбе-Айнӣ-Хуҷанд, махсусан ағбаи Анзоб кашидаашонро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунанд. Мусофирону ронандагон ҳафтаҳо дар Майхӯра ё мавзеи «Ветерок»-и ноҳияи Айнӣ шабхоро рӯз мекарданд. Аз сабаби зиёд будани теъдоди мусофирон ҳама тавассути тайёра ба шахри Хуҷанд рафта наметавонистанд. Ба шахри Панҷакенту ноҳияи Айнӣ дар фасли зимистон аз Душанбе ва Хуҷанд рафтуомад имконнопазир гардида, танҳо ба воситаи шахри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон имкони ба водии Зарафшон рафтан мавҷуд буд.

Аз ҷониби дигар, вазъи ногувори роҳ боиси он мегардид, ки ронандагон харҷи зиёд намоянд. Бинобар ҳолати ногувори роҳ мошинҳо, сарфи назар аз сабукрав ва ё боркаш будан, зуд-зуд вайрон шуда, боиси нороҳатӣ ва хароҷоти зиёдатӣ мегардиданд.

Дар кишвар роҳе вуҷуд надорад, ки мисли роҳи Душанбе-Чанок иншооти зиёд дошта бошад. Дидани роҳ, пулҳои бузург, долонҳои зиддитармавӣ ҳатман касро водор месозад, ки биандешад. Биандешад ва мутмаин гардад, ки роҳсозӣ низ санъат мебошад.

Ин роҳ бо ҳамаи иншоооташ бисёр зебо аст ва ин зебоӣ аз бинанда дил мебарад. Бо ин роҳу иншооти бузургаш метавон ифтихор кард. Кӯҳҳои бузургу бас баландро шикофтанду роҳ сохтанд. Дар мавзеи Майхӯра нақби «Дӯстӣ» арзи ҳастӣ кард. Дарозтарин нақби кишвар - нақби Шаҳристон мавриди истифода қарор гирифт. Дар болои дарёи Сир, дар шаҳри Хуҷанд пули бузургу замонавӣ сохта шуд.

Пули ноҳияи Айнӣ низ бо санъати баландаш моро водор менамояд, ки иқтидори инсонро бори дигар бештару беҳтар эътироф созем. Дар ин маврид гузашта низ пеши назар меояд. Роҳҳои харобу ранҷҳои бехисоб, шукр, ки пушти сар шуданд. Кунун одамон ба дидори ҳамдигар бе мушкилӣ мерасанд.

Таҷрибаи нигаҳдории роҳи Душанбе-Чанок нишон дод, ки «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар самти коршоям нигох доштани роҳи мазкур тамоми чораҳоро меандешад ва бо мақсади тасмимгирии дуруст ва гирифтани таҷриба бо ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ дар соҳаи роҳсозӣ муносибатҳои шарикиро ба роҳ мондааст.

Агар гӯем, ки 15 соли фаъолият барои IRS марҳилаи санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ, такомулу шаклгирии фаъолият, тавсеаи равобит, болоравии сатҳи маъруфият, пуркувват гардидани пойгоҳи техникӣ, саҳмгузорӣ дар ғановати буҷети давлатӣ ва ғайра махсуб мешавад, муболиға нахоҳад буд. Корҳои амалишуда далели бебаҳси онанд, ки дар тамоми ҳолат кормандони филиали Ширкат рисолати дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузоршударо дар сатҳи хуб ва сифати баланд ба ҷой оварда истодаанд.



Мубаракшо Мубораkшоев:

# ДИЛИ МОДАРАМ ҲАТТО БА РАҚИБАМ МЕСӮЗАД!

**Размикори тоҷик Муборакшо Муборакшоев аввалин рақобати худро дар мусобиқаи байналмилалии ACA (Absolute Championship Akhmat) бо пирӯзӣ оғоз кард.**

Муборакшо сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва хунсардии худро дар муҳориба ба хубӣ намоиш дод. Ӯ дар набард ба рақибаш - варзишгари таҷрибадор аз Русия Азамат Чиггаев, ки 9 ғалаба ва 6 шикаст дошт, пирӯз омад. Муборакшо ҳанӯз дар даври аввал тавассути усули «бӯғӣ» пирӯзии пеш аз мӯҳлат ба даст овард. Ин пирӯзӣ барои Муборакшо ҳаштумин (8-0) дар карйераи варзишияш ба шумор меравад ва ӯ ҳамоно бидуни шикаст боқӣ мемонад.

Муборакшо Муборакшоев ҳангоми суханронӣ дар бораи миллати тоҷик ҳарфҳои таъсирбахш гуфт, ки имрӯзҳо дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ чарх мезанад: "Ман дар ин ҷо бо итминон мегӯям, ки миллати тоҷик яке аз тамаддунсозтарин, китобдӯсттарин ва таърихан исботшудатарин миллатҳост. Ин миллат хуб медонад, ки пеш аз ҳама бояд худашро эҳтиром кунад, сипас дигаронро. Хусусан вакте ки мо дар меҳмонӣ ҳастем. Иншоаллоҳ, мо дар ин ҷо намунаи як тоҷики воқеан тарбияёфта ва боодобро нишон медиҳем...".

Бисёре аз мухлисон менависанд, ки бо вуҷуди ин қадар муваффақият доштан ва бидуни шикаст боқӣ мондан Муборакшо хоксориву инсондӯстӣ ва меҳанпарастиро дар мадди аввал мегузорад. Аз ин ҷост, ки ӯ баъд аз баромадаш нахуст ба модараш занг зада, аз пирӯзии навбатӣ огох намуд ва хеле гарму самимӣ суҳбат кард.

Муборакшо дар мусоҳибааш изҳор дошт, ки бо вуҷуди маъруфият дар ринг, модараш ҳеҷ гоҳ пурра набардҳои ӯро дар пахши зинда тамошо накардааст. Танҳо баъди пирӯзиҳо, баъзе лаҳзаҳоро ба ӯ нишон медиҳанд.

"Дили модарам ҳатто ба рақибонам ҳам месӯзад",- мегӯяд Муборакшо.

**Ҷаро Муборакшо размикориро аз касби иқтисодчӣ болотар донист?**

Муборакшо Мабатхонович Муборакшоев, варзишгари муҳорибаҳои омехта (MMA), 11-уми ноябри соли 1989 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омадааст. Ӯ дар вазни ниммиёна ҳунарнамоӣ мекунад ва намояндаи дастаи муҳорибавии Evolution Team Bayonov мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 14)

## САРМОЯГУЗОРӢ

**Дар панҷ соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 11,6 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст. Ин нуктаро Сарвазири малакат Қоҳир Расулзода дар Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд изҳор дошт. Ҳамчунин, Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар ҳошияи форум бо Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дидору мулоқот кард.**




# $11,6 МИЛЛИАРД

## сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон



### ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ: ТАҲДИДҲОИ ҶИДДӢ АФЗОИШ МЕЁБАНД

Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд 10-уми июни соли равон баргузор шуд. Дар он Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода иштирок дошт. Форумро Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев оғоз бахшида, аҳамияти онро барои таҳкими ҳамкориҳо дар самти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ махсус таъкид кард. Ӯ гуфт, ки муҳити сармоягузорӣ фароҳам оварда шавад, ки на танҳо фоида орад, балки ҳамчун таҳкурсии мустаҳкам хизмат кунад, арзиши инсонро баланд бардорад ва рушди ҷомеаро таъмин намояд.

"Имрӯз ҷаҳон аз озмоишҳои бузург мегузарад. Таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти ҷаҳон ва рушди устувор афзоиш ёфта, равандҳои геополитикӣ дар назари мо босуръат тағйир меёбанд. Дар ҷаҳон боз мусобиқаи силоҳ афзоиш меёбад. Хароҷоти низомии кишварҳои бузург нисбат ба соли 2010 якуним маротиба афзуда, ба 2,5 триллион доллар расид. Бо сабаби мураккабшавии бӯҳрони иқтисодӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ, суръати афзоиши ММД-и ҷаҳонӣ се сол пай дар пай коҳиш меёбад. Мутаассифона, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дипломатия эътибори худро гум мекунанд. Таваҷҷуҳ ба мушкилоти мубрами инсоният - амнияти озуқаворӣ, камбизоатӣ, тағйирёбии иқлим суст мешавад. Ҳоло барқарор кардани сулҳ, адолат ва эътиқоди умумӣ ба арзиши инсон дар саросари ҷаҳон аз ҳарвақта муҳимтар аст",- гуфт Шавкат Мирзиёев дар форум.

"Мо ба ҳамкории озод ва густурдаи байналмилалӣ оид ба мушкилоти номбаршудаи ҳамаи давлатҳои шарики худ даъват менамоем. Сармоягузорӣ, ки мавзӯи асосии форум аст, кафили на танҳо рушди иқтисодӣ, балки сулҳу субот низ мебошад. Биёед, якҷоя чунин муҳити сармоягузориро фароҳам орем, ки на танҳо ба мо имкон медиҳад, то фоида ба даст орем, балки ҳамчун таҳкурсии мустаҳкам хизмат кунем, ки арзиши инсонро баланд бардорад, манфиатҳои ҳаёт ва рушди ҷомеаро таъмин кунад",- таъкид дошт Президенти Ӯзбекистон.

Бино ба иттилои расонаҳои Ӯзбекистон, форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд бузургтарин рӯйдоди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ аст. Ин форум зиёда аз 3000 иштирокчиро аз 100 давлат ба ҳам овард. Дар он ҳайатҳои Русия, Чин, Олмон, Фаронса, Туркия ва дигар кишварҳо иштирок карданд. Мавзуҳои асосии форум дар ин сол рушди тиҷорати хурд ва миёна, рушди устувор, энергетикаи сабз, технология, захираҳои об, саноат, шаҳрсозӣ, тиҷорати электронӣ, зеҳни сунъӣ дар равандҳои тиҷоратӣ буданд.

### МУЛОҚОТИ САРВАЗИР БО ПРЕЗИДЕНТ

Сарвазири Тоҷикистон низ зимни суханронӣ имкониятҳои сармоягузории кишварро муаррифӣ намуд. Ӯ изҳор дошт, ки дар ҳашт соли охир рушди миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 8,5 фоизро ташкил дод. Қоҳир Расулзода ба пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, таъсиси панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодӣ ишора намуд.

Ба гуфтаи Сарвазири мамлакат, танҳо дар панҷ соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 11,6 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст. Зимнан, дар ҳошияи форум Сарвазири мамлакат шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷиро барои иштирок дар Форуми байналмилалии сармоягузории “Dushanbe Invest 2025” даъват кард. Дар назар аст, ки ин форум моҳи октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад. Дар ҳошияи форум мулоқоти Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода бо Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев низ баргузор шуд. Ҷонибҳо сатҳи баланди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории судмандро ситоиш намуда, дурнамои густариши робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва энергетикиро умедбахш арзёбӣ намуданд.

Дар ҷаласаи муштараки ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон таҳти раёсати сарвазирони ду кишвар паҳлуҳои гуногуни ҳамкории дуҷониба баррасӣ шуданд. Таъкид гардид, ки густариши ҳамкорӣ дар бахши энергетика ва истифодаи самараноки манбаъҳои табиӣ ба нафъи ҳарду кишвар хоҳад буд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## СТАНДАРТ

# ОШКОРИ БЕШ АЗ 191 ТОННА МАҲСУЛОТИ БЕСИФАТ

**Дар давоми чор моҳи аввали соли равон Агентии “Тоҷикстандарт” 191,7 тонна маҳсулоти ғайристандартӣ ва бесифатро дар бозорҳо ва дӯконҳои кишвар ошкор намудааст.**



Тибқи маълумоти расмии ин ниҳод, маҳсулоти ошкоргардида аз навъҳои гуногун, аз ҷумла гӯшт, равғани растанӣ, шириниҳо, нӯшокиҳои спиртӣ ва ташнагишикан, намак ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ иборат мебошанд. **Ҳаҷми маҳсулоти ғайристандартӣ чунин мебошад:**

- *маҳсулоти гӯштӣ - 11 тонна;*
- *равғани растанӣ - 1,3 тонна;*
- *нӯшокиҳои спиртӣ - 725 литр;*
- *нӯшокиҳои ғайриспиртӣ (ташнагишикан) - 1122 литр;*
- *маҳсулоти қаннодӣ (ширинӣ) - 267 килограмм;*
- *намак - 30 895 килограмм ва боқимонда дигар маҳсулот аст.*

Ҳамаи ин маҳсулот дар озмоишгоҳҳои “Тоҷикстандарт” мавриди ташхис қарор гирифта, ғайристандартӣ арзёбӣ шудаанд.

Қисми зиёди ин маҳсулот воридотӣ буда, бо стандартҳои амалкунанда мутобиқ набудаанд. Нисбат ба воридкунандагон ва фурӯшандагони ин маҳсулоти бесифат чораҳои маъмурӣ андешида шудаанд.

## МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# ИПОТЕКА ДАР ТОҶИКИСТОН

## Чӣ тавр соҳиби манзил шудан мумкин аст?

**Ҳар шахс орзу дорад, ки соҳиби манзили худ бошад. Дар Тоҷикистон бонкҳое ҳастанд, ки қарзи ипотекӣ пешниҳод мекунанд, то мардум соҳиби манзил шаванд. Ипотека қарзи дарозмуддат аст. Бо он метавон манзили шахсиро харидорӣ ё бунёд кард. Баъдан, бо пардохти муҳлати муайян ва фоиз он баргардонида мешавад.**

### ТАРТИБИ РАСМӢ

Барои гирифтани ипотека, аввал бояд ба бонк бо ариза муроҷиат намоед. Дар ин марҳила бояд ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз ҷумла шиноснома, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи даромад ва маълумоти манзил ё нақшаи сохтмон пешниҳод карда шаванд. Бонк даромади шуморо таҳлил намуда, қобилияти пардохти қарз ва фоизҳоро месанҷад.



Агар ҳамаи шартҳо мувофиқ бошанд, бо шумо шартномаи ипотека баста мешавад, ки дар он маблағи қарз, муҳлат ва фоизи қарзгузорӣ муайян карда мешавад. Манзил ё амволи ғайриманқули харидашуда ҳамчун кафолати қарз хизмат мекунад. Яъне, ҳуҷҷати манзил дар бонк то пардохти қарз нигоҳ дода мешавад.

### КАДОМ БОНКҲО ИПОТЕКА МЕДИҲАНД?

Бонкҳо одатан талаб мекунанд, ки 10-30% аз арзиши манзилро пешпардохт кунед. Ҳамчунин, қарз бояд дар муҳлати муайяншуда бо фоиз пардохт шавад. Дар Тоҷикистон ипотека шартҳои худро дорад. Синни муроҷиаткунанда бояд аз 21 то 65-сола бошад. Муҳлати қарз бошад, аз 5 то 20 сол ва фоизи солона 12%-18% аст.

Ҳоло чанд бонк, аз ҷумла Амонатбонк, Ориёнбонк, Бонки Эсхата қарзи ипотека пешниҳод менамоянд. Ҳар як бонк шарт ва фоизҳои махсус дорад. Дар ин бора метавон дар филиалҳо ё сомонаҳои расмии бонкҳо маълумот гирифт. Агар нияти хариди манзилро бо ипотека доред, пеш аз муроҷиат ба бонк, даромади худро бо ҳуҷҷат тасдиқ кунед. Маблағи пешпардохтро омода созед. Шартнома ва шароити қарзро бодиққат мутолиа намоед.



# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

## АВВАЛИН МУЛОҚОТ БО ШЕРАЛИЗОДА

Соли 1976. Душанбе. Ғарқи олами хаёлот, қадамзанон аз кӯчаи Орҷоникидзе мегузаштам. Боди сабуки саҳар бо барги дарахтони сафедор бозӣ мекард. Дар даст диплом - ҳосили панҷ соли шабзиндадорӣ, омӯзиши китобу дарси маърифат доштам. Вале он, бо ҳама арзишу эътибораш, ҳанӯз ба саволи муҳими ман посух намедод: оянда чӣ хоҳад буд?

Мувофиқи тақсимоти донишгоҳ ман бояд ба ноҳияи Вахш мерафтам. Номи Вахшро медонистам, аммо он барои ман бештар мисли афсона буд, водие дурдасту гарм, ки фақат боре, дар рӯзҳои пахтачинӣ, он ҷо сукунат доштам. Он манзара, ки он замон танҳо саҳнае аз замини кушоду бекарон менамуд, акнун дар дилам сояи зиндагии ношинос ва пурпечутоберо меафканд.

Аммо як чиз маро ором намегузошт - хотираҳои падар. Он кас ҳикоят мекарданд, ки чӣ гуна, баъд аз таъсис ёфтани Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон, мардуми Киштуту Зимтути мо дар ҷавоб ба даъвати ҳукумат роҳи тӯлонии дашту биёбони Хатлонро пеш гирифтанд. Селаи мардум, ки деҳқон буданд, бо умеди сохтани Тоҷикистони навин, зиндагии нав, ба ин водӣ сафарбар мешуданд.

Ман, ки он замон танҳо гӯш мекардаму тасаввур менамудам, ҳоло он тасаввур бароям ба воқеият табдил меёфт. Махсусан қиссаву ёддошти падарам аз сафарбарии ҳамдеҳаамон амаки Шариф - падари Холмурод Шарифов ба ёдам омад. Мегуфтанд, ки чӣ гуна ӯ, дар қатори садҳо нафари дигар, ба Вахш рафт, дар он обу ҳавои дигар, аз хок киштзамин сохт, хона бино кард, фарзанд калон кард ва баъдан ба яке аз чеҳраҳои намоёни фарҳанги Тоҷикистон табдил ёфт.

Ман хаёлан мебинам: сели одамон, бархе савори хар, бархе халтаҳову хӯрҷин дар пушт, кӯдакон савори сари китфи падару модар, гурусна, ташна, вале бо як умеди бузург - умеди зиндагии нав. Онҳо аз Конибодом, Истаравшан, Панҷакент, Хуҷанд, Ғарм, Самарқанду Бухоро, ағбаҳои Бадахшон, аз ҷойҳои сербарфу дур омада буданд, то як гӯшаи биёбонро ба боғи умед табдил диҳанд.

Ҳоло, ки ман - фарзанди ҳамон насл - он роҳро бо роҳи худ давом доданӣ ҳастам, худро гӯё пайвандгари ду давра мебинам: давраи қаҳрамонӣ ва давраи ором, аммо пурмасъулият. Дипломи ман - идомаи каланду бели онҳо буд.

Ҳарчанд дилам ба Душанбе бастагӣ дошт, вале андешаи он ки бо рафтанам ба Вахш кори аҷдодамро давом медиҳам, калбамро бо ифтихор пур мекард.

Гӯё ман ҳам бояд дар рӯйномаи он замин номи худро сабт кунам, на бо каланд, балки бо қалам.

Ҳамин тавр андешамандона роҳ мерафтам.

Назди бинои рӯзномаи «Маориф ва маданият» каме истодам. Намедонам чаро - шояд одат буд, ё як эҳсоси ноаён маро бозмедошт. Дар ҳамин дам аз тарафи муқобил марде меомад, ки қомати рост, роҳравии устувор ва нигоҳаш аз дур эҳсоси эътимодро бедор мекард.

Ман ӯро шинохтам. Ӯ Муродуллоҳ Шерализода буд. Номаш бароям ошно буд, чеҳраашро борҳо аз забони мардуми деҳа шунида, дар хаёлам тасаввур карда будам. Ӯ ҳамдеҳаи мо буд - аз Кулолии Панҷакент. Падараш чӯпон, марди пок, аз дӯстони наздики падарам буданд. Падарам борҳо бо ифтихор гуфта буданд: “Муродуллоҳ бачаи бономус аст. Агар ӯро бубинӣ, бидон, ки фарзанди бофарҳанг чӣ гуна мешавад”.

Дар дил суханҳо мисли насиҳат нақш баста буданд.

Бо эҳтиром қадам ба пеш мондам ва гуфтам:

- Ассалому алайкум, акаи Муродуллоҳ.

Ӯ якбора истод. Ман худро шинос накарда будам, вале эҳсос кардам, ки нигоҳаш аллакай маро дарёфт. Лаҳзае маро аз сар то по назар андохт, пас лабханде зад, табассуме орому гарму хешона:

- Валайкум салом... Аз лаҳҷа фаҳмидам, ки кулолангӣ ҳастӣ. Писари кӣ мешавӣ?

- Ҳамдамбой.

- Писари амаки Ҳамдам мешавам гӯй! Падарат одами заҳматкашу ростқавл, дӯсти падарам. Он кас махзани ҳикмату одамгарӣ, сабру тахаммул.

Сипас пурсид:

- Меҳонӣ?

- Университетро хатм кардам,- гуфтам,- диплом гирифтам. Мувофиқи тақсимот ба Вахш рафтанам даркор.

Ӯ каме фикр кард, сипас бо як овози боварибахш пурсид:

- Меҳоҳӣ дар Душанбе монӣ?

Ман худам низ, ки дар дил бо ин савол дар кашмакаш будам, танҳо гуфтам:

- Намедонам...

Ӯ дасти росташро ба китфи ман гузошт. Нармию устувории он даст мисли сухани тасаллибахш буд.

- Шом ба ман занг зан. Занги телефони туро интизор мешавам,- гуфт ӯ ва дар коғазе рақами телефонашро навишта ба ман дод.

Он бегоҳ, вақте ки шамоли шом ба танаи дарахтон бархӯрда, навои хомӯшӣ мезад, ман ба “Почтамт” даромада, занг задам.

Дилам тез-тез мезад, эҳсос мекардам, ки паси ин занг, эҳтимол, як гардиши муҳими сарнавишт пинҳон аст.

Телефон чанд маротиба занг зад, то ин ки дар сӯи дигар овози зани хушовоз баланд шуд:

- Алло?

- Метавонам бо акаи Муродуллоҳ суҳбат кунам?

- Як лаҳза,- гуфтанд бо мулоимӣ.

Хомӯшӣ. Пас садои марде баланд шуд:

- Салом алайкум. Гӯшам...

Ман худро муаррифӣ кардам. Ӯ, бо он лаҳни пурэътимоди хеш, ки эҳсоси бовар ва дастгириро бедор мекард, гуфт:

- Фардо соати даҳ ба дафтари сармуҳаррири нашриёти “Маориф” - Муқаддас Искандаров равед. Ман бо ӯ суҳбат кардам. Ӯ бо шумо суҳбат мекунад. Агар аз имтиҳонаш гузаштед, ба кор қабул мекунад.

## ДАР СУҲБАТИ МУҚАДДАС ИСКАНДАРОВ

Рӯзи дигар бо дили пуризтироб ба бинои нашриёти “Маориф” даромадам. Зинапояро баромадам. Дари утоқи сармуҳаррир боз буд. Бо эҳтиёт дарун даромадам.

Муқаддас Искандаров марде буд сафедчеҳра, миёнақад, бо пешонаи пур аз меҳрубонӣ. Ӯ сари миз менишаст, вале на бо тавозуъ, балки бо вазни сухан, бо шукӯҳи касе, ки солҳо боз бо сухан кор мекунад.

Бо эҳтиром салом додам. Ӯ сар боло кард, аз сар то ба по маро аз назар гузаронид ва ба нишастан ишора кард.

- Хуш омадед. Шумо ҳамон ҷавонед, ки Муродуллоҳ тавсия дод?

- Бале.

Сипас, суҳбати тӯлонӣ оғоз ёфт. Ӯ на танҳо мепурсид, балки бо нигоҳаш вуҷуди маро чун рентген наззора мекард. Чӣ гуна гап мезадам, чӣ гуна нигоҳ мекардам, калимаҳоям чӣ таъм доранд, ҳамаашро месанҷид.

- Кадом факултаро хатм кардед?,- пурсид бо лаҳни ороми тадқиқомез.

- Факултаи филологияи Университетро.

Нигоҳи ӯ як лаҳза равшан шуд, пас бо лабханд гуфт:

- Дар ҳамин факулта ҳамсари ман Мукаррама Набиевна кор мекунанд.

Баъд ором, гӯё бо худ суҳбат мекард, афзуд:

- Ин шаб дар бораи шумо маълумот мегирам. Пагоҳ ба хулоса меоям...

Ман бо эҳсоси омехтаи умеду интизорӣ, бо диле, ки ба тапиданаш шиддат дошт, аз утоқ баромадам. Он рӯз фаҳмидам: гоҳе роҳе, ки бо як салом оғоз мешавад, бо як хулосаи одами дуруст боз мешавад.

Рӯзи дигар маро чӣ интизор аст? Диламро гургон тала доштанд. Шаб хоб аз дидаам парида буд.

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**

# «ТОҶИ СОМОН» ДАР ДУШАНБЕ

**Аз 15 то 20 октябри соли равон дар Душанбе Дуюмин синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе – “Тоҷи Сомон” баргузор мегардад. Дар ин бора аз “Тоҷикфилм” хабар медиҳанд.**

Дуюмин синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе "Тоҷи Сомон" тахти шиори “Таърихи рушди тоҷикон” баргузор гашта, он бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат мегирад.

Мақсади асосии Синамоҷашнвора таҳкими мавқеи синамои тоҷик дар арсаи байналмилалӣ, табодули таҷриба миёни синамогарони ватанӣ ва хориҷӣ, дастгирии истеъдодҳои ҷавон дар соҳаи синамо ва тақвияти ҷойгоҳи фарҳангии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар назар аст, ки ба ин ҷашнвора беш аз 100 меҳмон аз кишварҳои ИДМ, Осиё ва Аврупо даъват карда шаванд.

Дар доираи Синамоҷашнвораи мазкур баргузории рӯзҳои киноӣ кишварҳои Россия, Эрон, Ҳиндустон, Қирғизистон ва Туркманистон пешбинӣ шудааст.

Якумин синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе “Тоҷи Сомон” соли 2023 баргузор шуда буд. Дар он намояндагон аз кишварҳои Россия, Ӯзбекистон, Молдова, Озарбойҷон, Чин, Фаронса, Ҳиндустон, Покистон, Қазоқистон ва дигар давлатҳо иштирок доштанд.

Дар доираи он ҷашнвора, барномаҳои гуногун, аз ҷумла нишастҳои матбуотӣ, рӯзҳои киноӣ Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон, форуми байналмилалӣ бахшида ба 120-солагии коргардон, ҳунарпеша ва асосгузори синамои тоҷик Комил Ёрматов тахти унвони “Эҳёи синамо” бо иштироки синамогарон, киношиносон ва мутахассисони соҳа баргузор гардиданд. Ҳамчунин намоиши аксҳо тахти унвони “Шаҳри ман – хонаи ман”, бахшида ба шаҳри Душанбе доир шуд. Шоҳҷоиза барои беҳтарин филми ҳунарӣ ба филми “Роҳ”-и коргардони тоҷик Носир Саид супорида шуд.

# ФОҶЕАИ ҶАНГ ВА ЗАН



**Шоми 9-уми июн дар Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов нахустнамоиши спектакли «Ман ёд дорам» аз рӯйи асари Чингиз Айтматов дар таҳияи коргардони қазоқ Бекпулат Пармонов баргузор шуд. Хушбахтона, банда қабл аз намоиш имкон пайдо кардам, ки бо коргардон суҳбат ороям.**

**- Пеш аз ҳама, хуш омадед ба ҷумҳурии офтобии мо. Оё бори аввал бо театри тоҷик ҳамкорӣ мекунед? Ба андешаи шумо, театрҳои Тоҷикистон бо театрҳои кишварҳои ИДМ ҳамқадаманд ва ё аз онҳо ақиб мондаанд?**

- Тақрибан сӣ сол пеш, Зафар Ҷаводов маро барои гузаронидани курси актёрӣ ва коргардонӣ ба Тоҷикистон даъват карда буд. Он вақт ман чанд намоиш дар Театри лӯхтак ба саҳна гузоштам. Ва ҳоло, пас аз ин ҳама солҳо, ман дубора бо даъвати директори Театри ҷавонон Суҳроб Мирзоев ба Душанбе омадам.

Медонед, театр як организми зинда аст - болоравӣ ва поинравӣ дорад. Имрӯз ритми зиндагӣ тезтар шудааст. Бояд тавонем тавассути намоиш ба тамошобин чизе бигӯем.

**- Бо ҳунармандони тоҷик чӣ гуна кор кардед? Назари шумо дар бораи онҳо чӣ гуна аст?**

- Тоҷикон мардуми меҳмоннавозу заҳматпеша ҳастанд. Ҳангоми кор бо ҳунарпешаҳои тоҷик ман аз ҳадафмандӣ, интизом ва хоҳиши омӯхтани чизи нав дар ҳайрат мондам. Мутаассифона, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ театрҳои Осиёи Марказӣ дар қиёс бо театрҳои дигар кишварҳои ИДМ ақиб мондаанд. Агар мо ба театр бар пояи услуби Станиславский такя кунем, бояд омӯзгорон аз Русия даъват карда шаванд, робитаҳои қатъшударо барқарор кунем. Онҳо бояд нутқи саҳнавӣ, санъати драма, суруд, рақс омӯзонанд, зеро имрӯз актёр бояд ҳама чизро тавонад. Тренингҳо бояд гузаронида шаванд.

**- Интихоби асари «Замини модарон» аз нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов идеяи кист? Шумо як коргардони қазоқ дар театри тоҷик чаро осори нависандаи қирғизро интихоб кардед, на муаллифи қазоқ ё тоҷикро?**

- Пеш аз ҳама, Чингиз Айтматов классики бузурги сатҳи ҷаҳонӣ аст. Дувум, мавзӯи ҷанг ва муҳаббат барои насли ҷавон хеле муҳим мебошад. Аз ҷониби дигар, ин равшангарист, бигзор насли нав бо осори нависандагони бузург ошно шаванд.

**- Шумо бовар доред, ки ин асар, ки насли мо онро бо шавқ меҳонд, барои ҷавонони имрӯзӣ, ки бештар дар интернет ҳастанд ва камтар ба хондани асарҳои классикӣ майл доранд, ҷолиб хоҳад буд?**

- Ба андешаи ман, ин асар ҳатто ҷавононро низ бетафовут нахоҳад гузошт. Вале инро худи намоиш собит хоҳад кард, андаке мунтазир мемонем.

**- Боз ҳам саволамро такрор мекунам. Бо ҳунармандони тоҷик чӣ гуна кор кардед?**

- Аъло! Чӣ тавре ки қаблан гуфтам, интизоми оҳанин доранд, ки барои ман бисёр муҳим аст. Аксари ҳайат ҷавонанд ва гуруснагии эҷодӣ доранд, онҳоро метавон ба самти дуруст роҳнамоӣ кард. Вале бурди аслии ин намоишро ман аз ҳунарпешаи театру синамо Мавлона Наҷмиддинова медонам. Бидуни муболиға мегӯям, ӯ як гавҳар аст, ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳаш доред! Вай бисёр сахтгир аст, пеш аз ҳама нисбат ба худ. Ҳамаи ҳайатро бо худ кашид, ба касе иҷозат намедод корро саҳлангорона иҷро кунад. Дар машқҳо гӯё вокеан ба саҳна мебаромад. Баъзан ман барои ҳолати рӯҳии ӯ нигарон мешудам. Мавлона, воқеан ҳам, ҳунарпешаи сатҳи байналмилалист! Ҳамчунин дигар ҳунарпешаҳо низ - Шогун Давлатбекова, Ғаниҷон Олимов, Шервонӣ Толибов, Фурқат Ҷомизода, Муҳаммад Зоирзода аз уҳдаи нақшҳои худ баромаданд. Умедворам, ки намоиши мо муваффақ мешавад.

**- Ман ҳам ба ин умед мебандам. Оё нақша доред, ки дар оянда низ бо театрҳои тоҷик ҳамкорӣ кунед?**

- Бо камоли майл. Нақша дорем, ки театрҳои Тоҷикистонро, ҳадди ақал дар пойтахт, муттаҳид намоем, тренинг ва мастер-классҳо баргузор кунем. Насли калонсол нақши худро дар ҳаёт беҳтар дарк мекунад, аммо бо ҷавонон бояд бештар кор кард. Шояд намоиши навро дар дигар театри Душанбе ба саҳна гузорем.

**- Ташаккур барои суҳбат!**





## «МАН ЁД ДОРАМ...»

Қиссаи «Материнское поле” (тарҷумаи тоҷикӣ “Роҳи каҳкашон”) аз ҷониби Чингиз Айтматов соли 1963 навишта шудааст, вақте ки ӯ ҳамагӣ 35-сола буд. Ин асар то имрӯз қалбу рӯҳи миллионҳо хонанда ва бинандаро ба ҳаяҷон меорад. Чандин намоишҳо дар саҳнаҳои гуногун бар асоси ин асар таҳия шудаанд. Ва 9-уми июн қаҳрамонони ин қисса бо забони тоҷикӣ сухан гуфтанд. Толғиной, дар иҷрои Мавлона Наҷмиддинова, ҳунарпешаи театру синамои тоҷик - образи фоҷиавии занест, ки дар ҷанг се фарзанд ва ҳамсарашро аз даст додааст. Чӣ қадар пурмазмун ва шадид эътироз мекунад бар зидди ҳама гуна ҷанг, зулму зӯроварӣ! Ҳама бо мусиқии рӯҳбахш ҳамроҳӣ мешуд, ки дар он дард, муҳаббат ва ирода бо ҳам омехта буданд. Гӯш додан ба Толғиной, ки хотираҳои хушбахтии гузашта ва фоҷеаҳои пайдарпайро ба ёд меорад, бе ашк ғайриимкон аст. Ва ман қариб тамоми намоиш гиристам, ҷангҳо ва фоҷиаҳои худро ба ёд овардам. Мавлона воқеан як ҳунарпешаи бузург аст! Истеъдоди ӯ аз Худост! Ман ҳамчунин аз иҷрои нақши Алдиман - дар иҷрои Шогун Давлатбекова хеле хушам омад. Вай тавонист симои қаҳрамони худро хеле равшан ва таъсирбахш офарад, тавонист ҳам шодиву ҳам андуҳро ба таври амиқ баён кунад. Ҳамчунин Суванқул дар иҷрои Ғаниҷон Олимов, Қосим дар иҷрои Шервонӣ Толибов, Майсалбек дар иҷрои Фурқат Ҷомизода ва Ҷайнак дар иҷрои Муҳаммад Зоирзода низ бинандагонро бетафовут нагузоштанд. Ба андешаи ман, ҳайати актёрӣ хеле мувофиқ интихоб шуда буд.

Ва боз як чиз... Ҳарчанд ки дар толор ҷавонон зиёд буданд, хомӯшии комил ҳукмфармо буд, ҳама бо диққат намоишро пайгирӣ мекарданд. Пас, нигаронии ман дар мавриди ҷавонон, шукри Худо, беасос буд. Воқеан, мавзӯи муҳаббат, марг ва садоқат ба Ватан ҳаргиз кӯҳна намешавад ва ҳамеша дар қалбҳо таъсир мегузорад.



**Амал Хонум ГАДЖИЕВА,**
**адиб, санъатшинос**
**Тарҷумаи О. СОҲИБЗОДА**




# ГУФТУГӮ АЗ СӮХТАНҲОВУ СОХТАНҲО

**Маъмулан, дар назари аксарият маводи ВАО, хосса матбуоти даврӣ, хусусияти рӯзмаррагӣ дошта, бо гузашти андаке вақт моҳият ва қиматаш коҳиш меёбад ва ба ҳукми таърих супорида мешавад. Ба назари мо, чунин фаҳмиш чандон саҳеҳ нест. Албатта, баъзе аз маводи нашрияҳои даврӣ бо гузашти вақт қимати худро аз даст медиҳанд, аммо дар баробари ин, ағлаби маводи дар ВАО инъикосёфта умри тӯлонӣ мебинанд. Бахусус, матолибе, ки дар онҳо воқеаҳои рӯз ва давру замони муайян на сарсариву эҳсосӣ ва бо манфиатҷӯиҳои замонӣ, балки бо диди амиқ ва назари фарох таҳлил карда мешаванд.**

Ба ин мазмун, бозчопи чунин матолиб дар шакли маҷмӯаҳои алоҳида ҳам барои хонандаи давру замони баъдӣ ва ҳам барои алоқамандони пешаи рӯзноманигорӣ ва ҳам барои пажӯҳишгарони публитсистика аз аҳамият холӣ буда наметавонад.

Мундариҷаи китобҳои рӯзноманигор, публитсист ва менеҷменти шинохтаи соҳаи ВАО-и тоҷик Шариф Ҳамдампур "Чунин гуфт оне, ки буду оне, ки хаст" (Душанбе, 2020), "Тоҷикон дар суҳбати Ғафуров бо Сталин" (Душанбе, 2020), "Взгляд лица и события от Памира до Кремля" (Москва, 2021) ва "Разрушение баланса и падения Рахмона Набиева" (Москва, 2024)-ро матолибе ташкил медиҳанд, ки тӯли солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ интишор гардидаанд ва хонандаи имрӯзу фардо низ ҷолибу хонданӣ боқӣ мемонанд.

Дар ин навишта таваҷҷуҳи мо ба китоби охир "Ихтилоли мувозинат ва шикасти Раҳмон Набиев" ("Разрушение баланса и падения Рахмона Набиева") равона мешавад. Тавре ишора рафт, муҳтавои ин китоб суҳбатҳо ва нигоштаҳоеро фаро меорад, ки аз нимаи дуюми солҳои 80-уми садаи ХХ ба баъд таҳия гардида, дар нашрияҳои даврӣ ба табъ расидаанд. Рангорангии воқеаҳо, шеваи муносибат ба мавзӯву масъалаҳо, доманаи дарку маърифат ва таҳлилу баррасии онҳо на танҳо айёми чопи матбуотиашон, балки имрӯз низ аҳамияти худро нигоҳ дошта, ҳамчун сабақҳои таърихӣ арзиши мондагорӣ касб намудаанд.

Мундариҷаи китоби охир "Ихтилоли мувозинат ва шикасти Раҳмон Набиев" аз мусоҳибаҳо, очеркҳо ва мақолаҳои таҳқиқӣ иборат буда, дар чор қисм таркиббандӣ шудааст. Маводи маҷмӯа бо чанд хусусият фарқ мекунад:

ЯКУМ, шахсияти мусоҳибон, касбу пеша ва мақому манзалати онҳо дар низоми давлатдорӣ ва ҷомеа. Сайфулло Акрамов - полковники мустаъфӣ, Худойқул Ҳамроқулов - собиқ раиси Кумитаи гумрук, Эркин Муҳиддинов - генерал-майор, Николай Григоревич Савченко - собиқ директори НБО-и "Роғун", Субраманям Ҷайшанкар - вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон, Абдурраҳмон ар-Рушайдон - сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон, Шавкат Ниёзӣ - собиқ намояндаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар Иттифоқи нависандагони ИҶШС, Темур Зулфиқоров - нависандаи русзабони Тоҷикистон, Евгений Муллоқандов - соҳибкори шинохтаи яҳудитабор, Михаил Дмитревич -табиби машҳури чашм, Борис Анатолевич Литвинский - муаррих, Кириллова Олга Григоревна - сардори Идораи асосӣ доир ба муҳоҷирони ВКД Россия, Абдусаттор Эсоев - корманди Ташкилоти байналхалқӣ доир ба муҳоҷират, Эмил Богиров - олими физик, сарвари мактаби космоэнергетика, Гулсум Амировна - табиби халқӣ...

Ағлаби мусоҳибон дар вазифаҳои масъулиятнок кор карда, дар пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар, вусъати ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои хориҷа ва рушди илму тиҷорат саҳми арзанда гирифтаанд.

ДУЮМ, мавзӯи суҳбат дар мусоҳибаҳо гуногун бошад ҳам, таносубан ба чунин бахшҳо метавон ҷудо кард: а) сиёсати давлатдорӣ ва časорату масъулиятшиносии шахсиятҳо ва таъсири авзои замона ба фаъолияти касбӣ ва тақдири инсонии онҳо. Ба гунаи мусоҳиба бо Сайфулло Акрамов, Худойқул Ҳамроқулов ва Николай Григоревич Савченко; б) масъалаҳои эҷод ва муносибатҳои адабиву фарҳангӣ, талқини руҳияи худшиносии миллӣ, амсоли мусоҳиба бо Шавкат Ниёзӣ ва Темур Зулфиқоров; в) муносибат ва ҳамкориҳои расмии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, намунааш мусоҳиба бо Субраманям Ҷайшанкар ва Абдурраҳмон ар-Рушайдон; г) масъалаҳои муҳоҷират, мусоҳиба бо Кириллова Олга Григоревна ва Абдусаттор Эсоев; ғ) тиб ва хизматрасониҳо баҳри саломатии мардум, мусоҳиба бо Михаил Дмитревич, Гулсум Амировна; д) пайвандии шаҳрвандиву эҳтироми устодон ва пос доштани гузаштагон, мисли мусоҳиба бо Борис Литвинский ва Евгений Муллоқандов.

СЕЮМ, дараҷаи маърифати мавзуъ ва таҳлилу маънидоди он, кобилияту маҳорати мухбир дар суолгузорӣ ва суҳбаторӣ; доираи донишу ҷаҳонбинӣ ва посухҳои иттилоотиву таҳлилӣ аз ҷониби мусоҳибон. Аз мутолиаи мусоҳибаҳо бармеояд, ки ҳам мухбир ва ҳам мусоҳибон дар раванди суҳбат фаъоланд, раванди мусоҳибаҳо нисбатан озод буда, дар анвои гуногун сурат гирифтааст. Чунончи, матни "Ихтилоли мувозинат ва шикасти Раҳмон Набиев" дар заминаи суҳбат бо Сайфулло Акрамов ҳосил шуда бошад ҳам, шакли таҳияи он нақли силсилавиеро мемонад, ки дар коркарди он нақши мухбир кам нест. Ин мусоҳиба, ки дар навъи монолог сурат гирифтааст, ҳаҷман калон буда, дар он вайрон шудани таносуб дар интихоби кадрҳо ва паст гардидани эътибори Раҳмон Набиев бо назардошти омилҳои зуҳур ва оқибатҳои он шуруъ аз фавти Ҷаббор Расулов то аз вазифа сабукдӯш кардани Раҳмон Набиев мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нақли мусоҳиб, ҳамчун шоҳид ва ёрдамчии бевоситаи ҳам Ҷаббор Расулов ва ҳам Раҳмон Набиев, басо муассир, ҷолиб, омӯзанда ва таҳрикдиҳанда аст. Ба назар чунин мерасад, ки ӯ дар суҳбаташ фаъолият ва хислати ду шахсият сиёсии ҷумҳуриро, ки дар солҳои гуногун масъулияти сарварии кишварро ба дӯш доштаанд, муқоиса мекунад. Агар симои аввалӣ ҳамчун раҳбари масъулиятшинос, дорои усули қатъии кор, боадолат, сарсупурда ба пеша ва инсони хоксор, шикастанафс ба назари хонанда намо ёбад, симои дуюмӣ баръакси ӯст. Ба назар нагирифтани низоми интихоби кадрҳо, ба вуҷуд овардани гурӯҳҳои ҳудиву бегона, шаробнӯшии бемаврид, каммасъулиятӣ дар сафар ба Хоруғ боис мегардад, ки Раҳмон Набиев аз вазифаи Котиби аввали КМ ПК Тоҷикистон озод карда шавад.

Дар мусоҳиба бо генерал Худойқул Ҳамроқулов ду вежагии хосро метавон ба мушоҳида гирифт. Аввалан, дар он раванди ташаккули шахсияти мусоҳиб ҳамчун кадри роҳбарикунанда дар амнияти миллӣ нақл мешавад, дуюм, ташаббус ва хизматҳои масоҳиб дар ташкили гумруки Тоҷикистони мустақил ироа мегардад. Ин ду вежагӣ дар маҷмуъ Худойқул Ҳамроқуловро тимсоли соҳибкасби тавоно, ростқавлу ростқор ва фидоии кори худ намо додааст.

ЧАҲОРУМ, мусоҳибаҳо дар мавридҳои гуногун ва баъзан берун аз кишвар сурат гирифта, тавассути суҳбатҳо ҳолатҳои на танҳо барои мусоҳибон даҳшатовар, балки барои миллат нанговар ба нақл даровара шудааст, ки мутолиаи онҳо аламҳои шоҳидони воқеаҳоро бедор мекунад, ба қадри родмардони бунёдкор расиданро талқин месозад, садоқатмандии касро ба Тоҷикистони соҳибистиқлол ва сарвари он меафзояд. Намунаи чунин мусоҳиба "Роғун: ин ҷӣ гуна буд" аст, ки бо собиқ директори НБО-и "Роғун" ороста шудааст. Мусоҳиба соли 2015 дар шаҳри Маскав то поси шаб дар хонаи Савченко баргузор гардида, як навъ монолог аст, ки дар он воқеаҳои мудҳиши аввали солҳои навадуми садаи гузашта, таъқибу таҳдидҳо нисбат ба коргарони сохтмони "Роғун" ва хусусан сарвари он бо эҳсоси дард нақл мешавад. Тарики суҳбатҳо асрори муқобилони бунёди ин сохтмони азим ифшо ва манфиати бунёди он на танҳо барои Тоҷикистон, балки ба кишварҳои ҳамсояи пойиноб асоснок карда мешавад. Бо вуҷуди шиканҷаву ноумедиҳои гузашта, мусоҳиб ба неруи Тоҷикистон ва сарвари он дар бунёди сохтмони НБО-и "Роғун" боварӣ дорад, анҷоми онро омили боз ҳам шукуфоии Тоҷикистон медонад.

Дар миёни мусоҳибаҳо суҳбат бо Шавкат Ниёзӣ муассиру ҷолибтар буда, руҳияи баланди худогоҳиву худшиносӣ дорад. Ин мусоҳиба низ дар шаҳри Маскав дар хонаи мусоҳиб, ҳини пухтани оши палови тоҷикӣ шуруъ гардида, дар сари дастархон то поси шаб идома ёфтааст. Мавзӯи суҳбат доманадор буда, аз лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти мусоҳиб, аз Самарқанд ба Тоҷикистон омадани пайвандон, хидматҳои онҳо дар Тоҷикистони нав, масъалаи тоҷикони Ӯзбекистон, тақдири китоби Рашид Набиев "Аз таърихи Хуқанд", воқеаҳои охири садаи ХIХ ва ибтидои садаи ХХ Бухорову Самарқанд, ҳаракати "ҷавонбухориён" ва "ҷадидон", ҳадафи муборизаҳои онҳо, фиреби онҳо аз тарафи болшевикон ва амсоли ин нақл карда шудааст.

Як хусусияти ибратомӯзи ин мусоҳиба боз дар он аст, ки мусоҳиб аз хидматҳои бузурги қаҳрамонони Тоҷикистон устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода, дар самти ташкили корҳои адабиву фарҳангӣ, интихоби кадрҳои болаёқат, дастгирии неруҳои ҷавони эҷодӣ бо ифтихор ва қаноатмандӣ нақл мекунад. Лаҳзаҳои дар мусоҳиба нақлшуда симои ин абармардони тоҷикро ҳамчун пешвоёни илму фарҳанг ва адаби садаи ХХ боз ҳам ҷило медиҳад.

ПАНҶУМ, мусоҳибаҳо бо роҳҳои гуногун ташкил ёфта, аксарияти онҳо дорои фабулаи ҷолиб мебошанд, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба мутолиаи раванди суҳбат ҷалб карда метавонанд. Фабулаҳо на танҳо дар шинос намудани мусоҳиб ба хонанда ёрӣ мерасонанд, балки ӯро аз ҷӣ тавр ва дар кадом вазъият сурат гирифтани суҳбат низ воқиф месозанд.

Дар қисми дуюми маҷмуа ду асар ҷой дода шудааст, ки аз ниrоҳи жанрӣ очерку сафарнома буда, ҳаҷман бузурганд. Матлаби аввал, ки "Асрори Сингапур" ном дорад, дар заминаи сарчашмаҳои хаттӣ ва мақолаҳои матбуотӣ таълиф гардида, моликӣ чанбаи пуркуввати таҳқиқиву таҳлилӣ аст. Дар ин очерк истифодаи таҷриба ва сабақҳои Сингапур, ки дар муддати на чандон тӯлонӣ бо сиёсати роҳбарии Ли Куан Ю аз як кишвари камбағал ба мамлакати пешрафтаи дунё табдил ёфтааст, мавриди инъикос ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф баррасии ин мавзӯро аз суханронии Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорони сингапурӣ шуруъ намуда, пас аз он ба кушодани гиреҳи масъала мекӯшад ва ба хулоса меояд, ки ҳарчанд омилҳои рушди кишвари Сингапур гуногунанд (сиёсати пурсамари давлатдорӣ, кам будани дуздиву ғорат, набудани коррупсия, сатҳи пасти андоз, фоизи ками қарз, тиҷорати озод, идораи бонизом, дахолат накардани давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ ва амсоли ин), аммо роҳи асосӣ ба вуҷуд овардани шароит ва имконот баҳри рушди маорифи кишвар аст.

(Давомаш дар саҳ. 13)

**Милитсияи вилояти Суғд як занро бо иттиҳоми қасди фурӯши духтари хурдсолаш бар ивази 14 ҳазору 800 сомонӣ ва як манзили истиқоматӣ аз шаҳри Хуҷанд боздошт кардааст.**

# ДУХТАРАШРО ФУРӮХТ, ТО ХОНА ХАРАД



Раёсати ВКД дар вилояти Суғд дар барномаи “Милитсия хабар медиҳад” иттилоъ дод, ки “ин зан сокини ҷамоати деҳоти Овчӣ-Қалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буда, талош кардааст духтари 4-солаи худро фурӯшад”.

“Зани 27-сола аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров М. З. санаи 29-уми апрел духтарчаашро хостааст ба “харидори шартӣ” бар ивази 14 ҳазору 800 сомонӣ ва як манзили истиқоматӣ дар шаҳри Хуҷанд фурӯшад. Зан ҳангоми ба даст овардани маблағи пешакӣ мувофиқашуда аз ҷониби милитсияи шаҳри Хуҷанд боздошт шуд”,- зикр мешавад дар барнома.

Кӯдаке, ки модар талоши фурӯхтанашро дошт, фарзанди дуюм аз оилаи дуюми зан будааст.

Дар наворе, ки Раёсати ВКД дар вилояти Суғд нашр кард, зани муттаҳам иқрор мешавад, ки “хато будани корашро намедонист ва касе ҳам ӯро огоҳ накарда ва аз роҳаш бознадоштааст”.

Айни ҳол алайҳи ин зан бо моддаи 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хариду фурӯши ноболиғон) парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, худи ӯ дар ҳабси пешакӣ қарор дорад.

**Чанде пеш дар Фаронса 5 танро барои фош кардани сирри давлатӣ гумонбар эълон карданд. Расонаҳои ин кишвар Девид Ботсоев, гумонбари асосии ин парвандаро зодаи Тоҷикистон муаррифӣ карданд. Ахиран мақомоти Тоҷикистон шаҳрванди Тоҷикистон будани ӯро рад карданд.**

# ВКД: БОТСОЕВ ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН НЕСТ!



Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон хабар дод, ки Ботсоев “шаҳрванди Тоҷикистон нест”. Хабаргузории фаронсавии “La Depeche” рӯзи 3-юми июн навишт, ки Прокуратураи Порис рӯзи 24-уми май 4 мард ва 1 занро барои фош кардани сирри давлатӣ дар соҳаи мудофиа гумонбар эълон кардааст. Се нафари онҳо низомиёни собиқ буда, як тани дигар дар Қасри президентии Елисей кор кардааст.

Ҳамаи онҳо дар нашр ва фош кардани сирри давлатӣ дар соҳаи мудофиа, дуздӣ, инчунин фаъолияти ғайриқонунии гурӯҳӣ дар заминаи истеҳсоли маводи ҳарбӣ, силоҳ ва муҳимоти низомӣ гумонбар дониста мешаванд.

Онҳо дар ширкате кор мекардаанд, ки бо истифода аз иттилооти махфии артиш машғули ҷосусии тиҷоратӣ будаанд.

Парванда ба ширкати “Archange Solutions Osint” марбут аст, ки онро Девид Ботсоев дар сентябри соли 2024 таъсис додааст. Ба гуфтаи яке аз манобеи наздик ба парванда, ӯ гумонбари аслии ин парванда аст.

Тибқи маълумоти “Intelligence Online”, Девид Ботсоев муддате дар Қасри Елисей кор кардааст.

Дар ҳоле расонаҳои фаронсавӣ Девид Ботсоевро зодаи Тоҷикистон меноманд, ки Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон баъди нашри ин хабар дар як раддия гуфт, ки ӯ “шаҳрванди Тоҷикистон набуда, танҳо шаҳрванди давлати Фаронса мебошад”. Ба маълумоти расонаҳо, ҳеҷ як гумонбар ба ҳабс гирифта нашудааст ва феълан тахти назорати додгоҳӣ қарор доранд.

**Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ҳалокати 3 ноболиғро дар пайи як сӯхтор дар Ваҳдат, ки ҳама узви як хонавода буданд, шарҳ дод. Ин ниҳод гуфт, ки ҳодиса нимашаби 7 ва 8-уми июн рух дода, сабаби сӯхтор “беназорат гузоштани шамъ” аст.**

# ҲАЛОКАТИ СЕ НОБОЛИҒ ДАР СӮХТОР



ВКД хабар дод, ки ҳодиса дар деҳаи Ҷангалободи шаҳри Ваҳдат дар манзили Карим Холмуродов рух додааст.

“Оташсӯзӣ масоҳати 35 метри мураббаъро фаро гирифта, дар натиҷа, аз дуди ғализ 3 фарзанди ноболиғи шаҳрванд Холмуродов К. А. ҷони худро аз даст доданд”,- гуфта мешавад дар хабарномаи ин ниҳод.

Маълум нест, ки ин сӯхтор чӣ қадар хисороти молӣ дар пай доштааст.

Мақомот мегӯянд, ки ҳодисаро таҳқиқ мекунанд.

Ҳамасола дар кишвар садҳо ҳодисаи ноҳуши сӯхтор рух медиҳад, ки дар натиҷаи он чанд нафар ба ҳалокат расида, молу ашёи зиёди мардум ба коми оташ меравад. Мақомот аксаран сабаби сӯхторро расиши сим ё аз беэҳтиётии худи сокинон унвон мекунанд.

Тибқи иттилои расмӣ давоми соли 2024-ум дар Тоҷикистон 1 ҳазору 175 сӯхтор сар задааст, ки дар натиҷаи онҳо 17 нафар, аз ҷумла 11 ноболиғ ҷони худро аз даст додаанд. Соли 2023-юм бошад, 1 ҳазору 269 сӯхтор рух дода, дар онҳо 23 нафар ба ҳалокат расида буданд.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ АЗ ОИЛА ОҒОЗ МЕШАВАД

**Дар шароити рушди иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии кишвар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо огоҳии шаҳрванд аз қонун, балки фаҳмидани моҳияти он, риоя ва татбиқи амалӣ дар зиндагии рӯзмарра мебошад.**

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ имрӯз муҳити ҳуқуқӣ рушд намуда, дастрасии шаҳрвандон ба манбаъҳои гуногуни иттилооти ҳуқуқӣ, аз ҷумла рӯзномаю маҷаллаҳо, китобҳои ҳуқуқӣ ва сомонаҳои интернетӣ фароҳам шудааст. Ин ҳама шароит муҳити мусоидро барои боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардааст.

Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиро бе ташкили дастрасии бемонеа ба манбаъҳои ҳуқуқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Махзани иттилооти ҳуқуқӣ бояд барои ҳар як шахс, новобаста аз ҷойи зист ва вазъи иҷтимоии ӯ, озодона дастрас бошад. Зеро танҳо дар он сурат шахс метавонад ҳуқуқҳои худро ҳимоя намояд, ки фаъолияташро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монад ва дар ҷомеа нақши фаъолро бозад.

Ин амр масъулияти бештарро ба зиммаи мақомоти давлатӣ мегузорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар қарорҳое, ки ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир мерасонанд, бояд мунтазам дар сомонаҳои расмӣ ҷой дода шаванд. Илова бар ин, тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ бояд сариваҳт нашр ва дастрас гарданд, то шаҳрвандон аз онҳо огоҳ бошанд ва дар ҳолати зарурӣ мавқеи ҳуқуқии худро муайян ва ҳимоя кунанд.




Таърих ва таҷриба нишон додаанд, ки маърифати ҳуқуқӣ бояд аз оила оғоз гардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" волидайнро вазифадор менамояд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд. Барои ба ин ҳадаф расидан, худи волидайн бояд дониши ҳуқуқӣ дошта бошанд ва онро дар амал татбиқ намоянд.

Вазифаи ҳар шаҳрванди масъул, аз ҷумла кормандони соҳаи ҳуқуқ ва мақомоти давлатӣ ин аст, ки бетараф набошанд. Аз имконияту дониш, таҷрибаи касбӣ ва манобеи мавҷуда истифода намуда, барои боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ кӯшиш намоянд. Аз ҷумла, маҷлисҳои сайёри судӣ, суҳбату вохӯриҳо бо мардум, таҳия ва чопи маводи илмию таълимӣ ва оммавӣ, баргузории чорабиниҳои омӯзишию тарбиявӣ метавонанд нақши муассир дошта бошанд.

**Насим ХОЛМУРОДЗОДА,
судяи Суди ноҳияи Фирдавсӣ**

# 7 ФОИДАИ ШАРБАТИ МЕВАГӢ



**Меваю сабзавот ба саломатии инсон фоида дошта, ба ҷавону зебо ва пуртаровват мондани кас мусоидат менамоянд. Имрӯз мо ба шумо дар бораи 7 манфиати шарбатҳои мевагӣ маълумот медиҳем.**

**1. МАНБАИ ВИТАМИНУ МИНЕРАЛҲО**

Шарбатҳои мевагӣ, махсусан шарбатҳои табиӣ дорои витаминҳои C, A, E ва минералҳо, аз ҷумла калсий, калий мебошанд, ки ба пурқувват гаштани системаи муҳофизатии организм - иммунитети инсон кумак мерасонанд.

**2. МАНБАИ НЕРУ ВА ЭНЕРГИЯ**

Шарбатҳои табиӣ манбаи энергия мебошанд. Глюкоза ва фруктозаи табиие, ки дар шарбатҳои мевагӣ мавҷуданд, ба бадан ворид гашта, ба тану ҷони шумо қуввату неруи нав ато менамоянд.

**3. ТОЗАКУНИИ ОРГАНИЗМ**

Шарбатҳои баъзе меваҳо, аз ҷумла лимӯ, анор ва себ ба поксозии ҷигар ва гурдаҳо ёрӣ мерасонанд.

**4. БЕҲТАР ГАШТАНИ КОРИ УЗВҲОИ ҲОЗИМА**

Шарбати афлесун, ананас ва дигар меваҳо ферментҳое доранд, ки кори узвҳои ҳозимаро беҳтар месозанд.

**5. ТАЪМИНИ НАМНОКИИ БАДАН**

Шарбатҳои мевагӣ ҷисми инсонро бо об таъмин намуда, ба пешгирии беобшавии бадан мусоидат мекунанд, хусусан дар ҳавои гарм.

**6. МУБОРИЗА БО РАДИКАЛҲОИ ОЗОД**

Антиоксидантҳое, ки дар шарбатҳои мевагӣ мавҷуданд, фаъолона бо радикалҳои озод мубориза бурда, пиршавии бармаҳал ва бемориҳои дилро пешгирӣ менамоянд.

**7. ҶАВОНСОЗИИ ПӮСТ**

Шарбатҳои мевагӣ саршор аз витамину антиоксидантҳо буда, пӯстро тару тоза ва дурахшон нигоҳ медоранд. Ҷавону зебо ва солиму бардам мондан хоҳед, бештар шарбат нӯшед.

# ТАОМҲОИ ФОИДАОВАР ДАР ТОБИСТОН

**Ғизое, ки инсон давоми рӯз истеъмол мекунад, ҷисмро бо моддаҳои барои фаъолияти организм зарурӣ таъмин менамояд. Агар хоҳед, ки дар фасли тобистон меъдаатон солим ва баданатон неруманд бошад, аввал хӯроки моеъ истеъмол намоед, зеро хӯрокҳои моеъ барои ба эътидол овардани ҳарорати бадан мусоид мебошанд.**



Инчунин истеъмоли хӯриши аз сабзавоти тар омодашуда манбаи неру дар фасли тобистон аст.

Хӯроки моеъ (обдор, суюқ)-е, ки истеъмол менамоем, бояд дорои нахӯд бошад. Мувофиқи баъзе таҳқиқотҳо, нах ба афзоиши микрофлораи муфид мусоидат ва инчунин рушди микроорганизмҳои зарароварро пешгирӣ менамояд.

Шахс ҳангоми истеъмоли хӯрок бояд ба қадри кофӣ карбогидратҳо, равғанҳо, сафедаҳо ва макроэлементҳоро истеъмол намояд.

Шабона инсон бояд кӯшиш намояд, ки таоми обдор ё дар буғ омодашуда истеъмол кунад, зеро таомҳои серчарбу ва дар равған бирёншуда на танҳо шабона, балки умуман дар фасли тобистон барои меъда зараровар мебошанд.

Бадани инсон вобаста ба фасли сол ва ҳавои берун ба истеъмоли ҳар гуна таом майл пайдо менамояд. Аммо дар ёд дошта бошед, ки дар рӯзҳои гарм ҷисми инсон ба таомҳои сабук ва зудҳазмшаванда, обдор, хӯришҳо аз маҳсулоти тару тоза, мевагӣ ва обӯшу шарбат бештар эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Агар инсон таомҳои бирёнӣ ё дуюм истеъмол намояд, дар ин ҳолат он ба организм таъсири манфӣ мерасонад.



# МУЪҶИЗАИ ДУ ТУХМ

**Инсон бояд ҳар рӯз 2 дона тухм истеъмол намояд, зеро тухм хӯрдан ба саломатӣ манфиатҳои зиёде дорад.**

**Якум:** Тухм хотираро мустаҳкам месозад, зеро зардии тухм дорои холин аст. Ин аминокислотаи калидӣ барои интиқоли импулсҳои хурди асаб кумак намуда, хотираи инсонро қавӣ месозад.

**Дуюм:** Нури чашмро равшан месозад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки тухм аз лютеин - витамине бой мебошад, ки барои нигоҳ доштани биноии чашми инсон кумак мекунад. Ҳар рӯз 2 дона тухм хӯред, лютеин табиатан дар чашматон пайдо мешавад.

**Сеюм:** Устухонҳоро мустаҳкам месозад. Тухм аз калсий ва витамини D бой мебошад. Истеъмоли он сатҳи калсий ва фосфорро дар хун танзим мекунад. Дар сурати ҳар рӯз 2 дона тухм хӯрдан организм бо калсий таъмин гашта, устухонҳо пурқувват мегарданд. Ин ба пешгирии остеопороз мусоидат менамояд.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Рӯзи душанбе дар корҳои эҷодӣ ва ҷодаи муҳаббат навигариву дилхуширо интизор бошед. Нимаи аввали ҳафта дар робита бо атрофиён фаъолнокӣ нишон дода, бурд мекунед. Ба хотири мулоқоти ошиқона аз нақшаҳои корӣ рӯ нагардонед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Рӯзи душанбе ба навигариҳои молиявӣ омода бошед. Рӯзи сешанбе бо нафаре вомехӯред, ки кайҳо боз якдигарро надида будед, вале вохӯриҳои банақшагирифтаатон баргузор намешаванд. Рӯзи чоршанбе хеле серташвиш меояд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Рӯзи душанбе дӯсте пайдо мекунед, ки ҳамфикру ҳамақидаи шумо аст. Тамоми ҳафта дар корҳоятон пешравӣ дида мешавад. Обрӯятон афзуда, ба бисёр чизҳо ноил мегардед. Нимаи аввали ҳафта фаъолтар бошед. Рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа бояд ба сарулибоси худ диққат диҳед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Рӯзи душанбе бо сабаби ба асабоният дода шуданатон ба ғалату камбудиҳо роҳ медиҳед. Барои он ки шумову наздиконатон ранҷ накашед, худро ба даст гиред. Навигариҳое, ки рӯзи душанбе рух медиҳанд, зиндагии шуморо куллан тағйир медиҳанд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Рӯзи душанбе барои ободонии хонаву дар ва тағйир додани муносибатҳои оилавӣ кӯшиш ба харҷ диҳед. Рӯзи бобарорест барои оғоз намудани зиндагии мустақилона, кӯчидан ба манзили нав, харидани хона ва сар кардани таъмир.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Нимаи аввали ҳафта корҳоятон бобарор мешаванд ва фаъолтар мегардед. Даст рӯи даст гузошта нишастанатон беҳуда аст, ҳатман аз вазъияти мусоид истифода бурда, муваффақ шуда метавонед. Рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа хеле серташвиш мегардед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Рӯзи душанбе барои нафароне, ки касбу кори худро иваз кардан ё худро дар соҳаи тиҷорат санҷидан мехоҳанд, мусоид аст. Рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа корҳое пеш меоянд, ки барои иҷро намуданашон танҳо будану тамоми фикру андешаҳои худро ҷамъ карданатон лозим меояд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Дар ин ҳафта нисбати саломатии худ бодиққат бошед. Бо вуҷуди зиёд будани кору ташвишҳо, барои истироҳати кӯтоҳмуддат вақт пайдо кунед. Бадшавии вазъи саломатиятон бо сабаби камқувватӣ ва хастагии зиёд аст. Дар муносибатҳои заношавҳарӣ нофаҳмӣ рух медиҳад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Рӯзи душанбе дар атрофатон ҳодисаи ногаҳоние рух медиҳад, шиноси нав пайдо мекунед ё тасодуфан ба ҷое сафар мекунед. Рӯзи сешанбе бо сабаби фориғболии яке аз аъзои оила нақшаҳоятон барбод мераванд. Рӯзи чоршанбе бо корҳои оилавӣ банд мегардед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Рӯзи душанбе сиреро, ки дар дил доред, аз қалби худ раҳо намоед. Эҳтимол бо хайру сахои пинҳонӣ машғул мешавед. Рӯзи сешанбе бо кори нав машғул нашавед. Одати пайваста фикри дигарон карданро партоеду аз пайи саломатӣ ва мушкили худ шавед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафтаи хубест барои нишон додани ташаббус ва пухтакорӣ. Агар танбалиро рафъ карда тавонед, нақшаҳои ҷасуронатаринатонро амалӣ сохта метавонед ва кӯшиши зиёд низ ба харҷ доданатон лозим намеояд. Танҳо бо табъи болида комёбӣ ба даст оварда метавонед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Нисбати нафароне, ки дӯсташон медоред, ғамхориву меҳрубонӣ зоҳир намоед. Миёни шумову шахси дӯстдоштаатон дилхунукӣ меафтад. Агар шумо соҳиби оилаву фарзанд бошед, рафтори кӯдакон боиси ташвишатон мегардад. Нисбати саломатии худ бодиққат бошед.

# ДАРГУЗАШТИ ФАТТОҲХОН - БАРОДАРИ ЮСУФ ИСҲОҚӢ

**4-уми июни соли равон дар шаҳри Маскав пас аз бемории кӯтоҳмуддат қалби шоир, рӯзноманигор, драматург ва тарҷумон Исҳоқӣ Фатоххон Баширханович дар синни 95-солагӣ аз тапидан бозмонд. Марҳум намояндаи хонаводаи машҳури Исҳоқӣ ва бародари академик Юсуф Баширхонович Исҳоқӣ буд.**

Насаби Исҳоқӣ ба мардуми тоҷик ба шарофати Юсуф Баширхонович Исҳоқӣ ошнову азиз аст. Ин чеҳраи бузурги илми тиб дар замони шӯравӣ бо таҳқиқоти арзишманди илмиаш дар бахши оториноларингология (бемориҳои гӯшу гулӯву бинӣ) шуҳрат пайдо карда, кашфиёти нодираш - аз заҳри мор омода кардани дору аҳли илми ҷаҳонро ба ҳайрат оварда буд. Вале рӯзгори ин бузургмард ба таври фоҷеавӣ қатъ шуд, 6-уми майи соли 1996 ӯро ба қатл расониданд. Ёдаш ба хайр!

Дар қатори Юсуф Исҳоқӣ, аз ин хонавода, ки решаашон ба Хоҷа Абӯисҳоқи самарқандӣ мерасад, чеҳраҳои барӯманд зиёданд. Фақат дар соҳаи тиб қариб 10 нафар Исҳоқӣ соҳиби ҷойгоҳу эътибор ҳастанд. Дар ин хонавода дар баробари табибон адибон ҳам ҳастанд, ки Фаттоххон Баширхонович Исҳоқӣ яке аз онҳо буданд.

Фаттоххон соли 1930, яъне ду сол қабл аз бародари маъруфаш Юсуф дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Соли 1953 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм карда, фаъолияти кориашро дар рӯзномаи “Пионери Тоҷикистон” оғоз кардааст. Ӯ дар ин идора то соли 1958 ба ҳайси мудири шуъба кор карда, барои тахсил ба Мактаби олии ҳизбии назди КМ ВЛКСМ фиристода мешавад. Баъди хатми мактаби ҳизбӣ дар рӯзномаи навтаъсиси “Сталинобод” кор мекунад. Чун ин рӯзнома умри зиёд надид ва бо сабабҳои мухталиф баста шуд, Фаттоҳ Исҳоқӣ як сол дар “Тоҷикистони советӣ” фаъолият намуда, ба кори телевизион гузашт.



Аз соли 1960 сармуҳаррири шуъбаи адабӣ-драмавии студияи ҷумҳуриявии телевизион буд. 4 сол, солҳои 1967-1971 ба ҳайси мушовир ва тарҷумон дар Ҷумҳурии Афғонистон кор кард ва баъдан дар вазифаҳои директори генералии студияи телевизиони ҷумҳуриявии Тоҷикистон (1971-1972), сармуҳаррири шуъбаи адабӣ-драмавӣ ва сардори шуъбаи кинои студияи телевизион (1979-1987) фаъолият намуда, аз соли 1987 ба нафақа мебароянд.

Ӯ яке аз аввалин аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва Иттифоқи журналистони ИҶШС буд ва аз соли 1959 шаҳодатномаи узвияти ин иттифокро, ки дар замони шӯравӣ нуфузу обрӯи хосса дошт, ба даст оварда буд.

Фаттоххон Исҳоқӣ табъи шоирӣ ҳам дошт. Аз соли 1946 ашъораш дар нашриёхо чоп мешуданд. Дар шеърҳояш ишқу муҳаббатро тараннум мекард ва ватандӯстиро тарғиб менамуд. Соли 1978 нашриёти “Ирфон” маҷмӯаи шеърҳо ва асарҳои саҳнавии Фаттоххон Исҳоқиро таҳти унвони «Интизорӣ» чоп кард. Баъдан китобҳои дигари ин эҷодкор ба дасти хонанда расиданд. Бастакорон ба шеърҳояш оҳанг баставу сарояндагон иҷро мекунанд.

Фаттоххон Исҳоқӣ дар офаридани филмҳо ҳам нақш гузоштааст. Аз рӯйи асари ӯ намоишномаи «Мохрӯ»-ро телевизиони тоҷик сабт кардааст, ки то имрӯз намоиш дода мешавад. Вале кори муҳими ӯ дар навиштани сенария филми ҳуҷҷатии “Абдураҳмони Ҷомӣ” мебошад. Ин филм дар ду қисм, ба муносибати 550-солагии шоир ва мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ сабт шуда, сенарияи онро Фаттоххон Исҳоқӣ дар ҳамкорӣ бо Михаил Табачников навиштааст. Коргардони филм Суҳбат Ҳамидов ва наворбардори он Заур Дахте буданд. Филми мазкур соли 1964 аз ҷониби “Тоҷикфилм” сабт шудааст.

Фаттоххон Исҳоқӣ бештар ба кори тарҷума машғул шудааст. Ӯ асарҳои нависандагони маъруфи рус Лев Толстой, А. Чехов, Н. Лесков, М. Пришвин, М. Горкий, К. Паустовский, А. Суриков, Л. Василенко; нависандагони кишварҳои дигар - Абай, Г. Маври, С. Мауленов, Г. Сафаров, Я. Яунсундрабна, Петрарка, Гёте (Фауст), Бадринатх Бхатта, Сударшон, Яна Дрда ва дигаронро тарҷума кардааст.

Аз ин бештар маълумот дар бораи Фаттоххон Исҳоқӣ ба даст наомад. Дар бархе манбаъҳо гуфта мешавад, ки ӯ бо мукофоти Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст. Маълум мешавад, ки Фаттоххон Исҳоқӣ баъди шуруи бесарусомониҳо дар Тоҷикистон ба Маскав кӯчида, он ҷо зиндагӣ мекард.

**О. НОЗИР**

# ГУФТУГӮ АЗ СӮХТАНҲОВУ СОХТАНҲО

**(Аввалаш дар саҳ. 10)**

Яъне, асоси ҳар гуна пешравӣ кадрҳои босалоҳияти аз нигоҳи инсонӣ тарбиятдида ва ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд.

Матни “Ҷопон кишвари пуртазод ва мутаносиб” баръакси очерки боло дар заминаи сафари муаллиф ба ин кишвар, ки соли 2002, дар ҳайати муҳаррирони рӯзномаҳои Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайвастааст, навишта шудааст. Таассуроти муаллиф аз Ҷопон, хосса соҳаи табъу нашр ва ВАО-и он, ки аз ин сафар ҳосил шуда, рӯйи чоп омадааст, рангину ҷолиб ва омӯзанда аст. Муаллиф на танҳо аз дидаву шунидаҳояш бо завқ ҳайратангезона қисса мекунад, балки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол аз таҷрибаи Ҷопон кор гирифтанро талқин менамояд.

Вежагии фарқкунандаи матолиби қисми сеюми маҷмуаро хусусияти таҳқиқӣ ва ифшогарии матолиб ташкил медиҳад. Дар мавориди ин қисм ҳодиса ба рӯйдодҳое инъикос гардидаанд, ки дорои оҳанги манфӣ буда, ба рафтор ва муносибати ношоями шахсони алоҳида ба вазифа ва оила рабт дорад. Муносибати чунин ашхос вазъияти нисбатан ногуворе ро ба вуҷуд овардааст, ки таҳқиқу таҳлили он касбиятро металабад. Муаллиф дар ифшои чунин амалҳои ношоям ва равшанӣ андохтан ба ҳолату вазъият ҳамчун рӯзноманигор - таҳқиқгар муносибат намуда, дар такя бо асноди гуногун - нақли шоҳидон, хулосаи мақомоти тафтишот ва амсоли ин асли қазияҳоро манзури хонанда мегардонад. Бахусус, масъалаи дар мақолаи “Модари раҳгумзада ва фарзандони ӯ” таҳлилу баррасишуда - никоҳи барвақтии ғайрирасмӣ ва оқибатҳои ногувори он дар замони шуравӣ, дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ муҳим боқӣ мондааст.

Дар маҷмуъ китоби тозанашри Шарифи Ҳамдампур “Ихтилоли мувозинат ва шикасти Раҳмон Набиев” ифодагари воқеаҳои давру замони муайян аст, ки тариқи суҳбату гуфтугӯҳои муаллиф бо шахсони маъруф, мутолиаву мушоҳида ва таҳқиқҳои бевоситаи ӯ ҳосил гардида, дар қолаби жанрҳои мусоҳибаву суҳбат, мақолаву очерк ва сафарнома мунъакис гардидаанд. Мухтавои китоб, аз як тараф, воқеаҳои таърихии начандон дури кишвари моро ҳамчун дарси ибрат бозгӯ намояд, аз ҷониби дигар, усули кор ва маҳорату таҷрибаи эҷодии Шариф Ҳамдампурро ҳамчун рӯзноманигори пуркору навҷӯ ва суҳбаторову амиқназар намоиш медиҳад.



**Муродӣ МУРОД,**
**профессори ДМТ**

## МАВЛУДНОМА

### 12 ИЮН

**Алиҷон Бойматов** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

**Баротбой Ҷумъаев** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Марина Шовковпляс** (1955), 70-солагии зодрӯзи муаррих.

### 13 ИЮН

**Ҷумъа Қувват** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Табар Маҳмадмуродов** (1940-200), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Барот Саид** (1930-2012), 95-солагии зодрӯзи нависанда.

**Лола Саломатшоева** (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Муъмин Тоҷибоев** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Наҷмиддин Тоҷов** (1950), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

### 14 ИЮН

**Зуҳро Бурҳонова** (1940-2005), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Исроил Исмоилов** (1925-2010), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, профессор.

**Елена Исоева** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 15 ИЮН

**Ҷамоли Абдулҳай** (1935), 90-солагии зодрӯзи журналист, нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Толибшоҳи Давлат** (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Тӯйчӣ Маҳмудов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Халил Салимов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

### 16 ИЮН

**Камоли Боқӣ** (1940-1991), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Мусаллим Баҳриддинов** (1930-2013), 95-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Клавдия Рахманина** (1930), 95-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

### 17 ИЮН

**Маргарита Волина** (1915-1969), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Зоирҷон Зокиров** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

### 18 ИЮН

**Мусофир Кабутов** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

**Карим Мирзоев** (1935), 90-солагии зодрӯзи журналист.

**Роза Ҳайдарова** (1925-2008), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Нисор Шакармамадов** (1935-2011), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №16340, ба номи Саидамирова Фарида Саймуртазоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 32/1, ҳ. 72, санаи 04.11.2009, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0187463, рақами қайд №1211, ба номи Баҳромидинзода Шаҳло, ки соли 2020 аз Коллеҷи тиббии ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №50890, ба номи Шарифов Ширинҷон Маҳмудович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Дунаевский, хонаи 7, ҳ. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №54522, аз санаи 14.12.2021 ба номи Болтаева Хурсандби Самадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 94, утоқи 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи бекор намудани шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти рақами 2Ш-923 аз санаи 15.11.2022, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ, ш. Душанбе ба номи Исматов Зиёратшо Мухаббатович тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи духтури ҷарроҳ ба номи Ғиёсов Бахром Маҳмудович, ки соли 1995 аз ҷониби МДТ ДТБКСТҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### ЭЪЛОН!

Филиали "МБГ-1" ҶСК "Барқи Тоҷик" кормандони бо ихтисосҳои кафшергари газию барқӣ, челонгар ва ронандаи экскваторро ба кор даъват менамояд. Тел.: 222-25-33



КВД БА ҶТ "Амонатбонк" барои ширкатҳои мустақили баҳогузор оид ба азнавбаҳодиҳии молу мулки дар тавозун қарордошта озмун эълон менамояд. Ширкатҳо метавонанд пешниҳодҳои тиҷоратии худро дар давоми 14 рӯзи тақвимӣ пас аз нашри эълон ирсол намоянд.

Бо рӯйхати амвол барои азнавбаҳодиҳӣ муфассал дар сомонаи расмии бонк шинос шавед: www.amonatbonk.tj

**Маълумоти бештар: 44 600 90 26**

► Аттестати синфи 8, №074115, ба номи Гуломалиева Назира Садуллоевна, ки соли 1986 аз ҷониби МТМУ №33-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0180862, рақами қайд №3519, ба номи Саидаи Ҳайдар, ки соли 2015 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

*Зодрӯз муборак!*



Саидзода Бахрулло, бо камоли эҳтиром Шуморо бо ҷашни зодрӯзатон табрик мегӯем. Бигзор чӣ орзуҳои неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшанд.

*Устоди азиз, зодрӯзат муборак,*
*Ҳама рӯзу чу имрӯзат муборак!*

**Аз номи донишҷӯёни курси 3-юми фосилавии ихтисоси психология.**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Сомониён 14", №0266567, РЯМ: 0410026742, РМА: 040047375, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



## Муборакшо Муборакшоев:

# ДИЛИ МОДАРАМ ҲАТТО БА РАҚИБАМ МЕСӮЗАД!

(Аввалаш дар саҳ. 6)

Муборакшо соли 2009, зери раҳбарии Залон Наҷмиддинов - устоди варзиши ИҶШС дар риштаи бокс ба машқи ҷиддии варзиш шуруъ кард. Ӯ қаҳрамони Тоҷикистон дар ММА ва муҳорибаи дастӣ мебошад. Муборакшо на танҳо дар муҳорибаҳои омехта, балки дар бокси касбӣ низ дастовард дорад. Аз ин ҷост, ки моҳи июни соли 2022 дар Маскав дар доираи мусобиқаи Pravda FC бо нокаути техникӣ бар Николай Нестерови рус пирӯз шуд. Аммо моҳи октябри ҳамон сол дар мусобиқаи Pravda Boxing аз Тимур Никулин бо қарори якдилонаи доварон мағлуб гардид.

Бо вуҷуди ҳама пастиву баландӣ, Муборакшо Муборакшоев як намунаи устувори хунар ва иродаи қавӣ барои ҷавонони тоҷик боқӣ мемонад, зеро ӯ шахсест, ки бо меҳнату садоқат роҳашро дар арсаи ҷаҳонии варзиш боз мекунад.

Муборакшо асосан соҳаи иқтисодро хатм кардааст, вале муҳаббат ба варзиши муҳорибаӣ ҳанӯз замони таҳсил дар донишгоҳ дили ӯро тасхир карда буд. Дар ин бора дар мусоҳиба бо хабаргузории Sport.tj гуфтааст.

Аввалин муҳорибаи ММА-и ӯ дар моҳи марти соли 2015 сурат гирифтааст, ки дар он Муборакшо дар набард бо Айдарбек Ашимов дар мусобиқаи World Ertaymash Federation 2 дар даври аввал тавассути сабмишн (хиллаи маҷбуркунии таслим) ғолиб омадааст. Ӯ ҳаргиз гумон ҳам намекард, ки рӯзе дар арсаи ҷаҳонӣ аз номи Тоҷикистон баромад мекунад.

Пештар Муборакшо дар сохтмонҳо кор мекардааст ва гоҳе посбонӣ ҳам кардааст ва дар баробари ин ба варзиш машғул мешудааст, ки имрӯз самари он бозиҳои бидуни шикаст мебошад.

Саволе ба миён меояд, ки миёни ин хама роҳи душвор Муборакшо боре ҳам нияти аз мақсадаш даст кашиданро кардааст? Бале, ӯ мегӯяд борҳо мехост аз варзиш комилан даст кашад, аммо ирода ва бовар ба худ ҳар бор ӯро бармегардонд.

**Дило ДОРОБШОЕВА**



## ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО-2

# «РЕГАР-ТАДАЗ» БО «АҲАЛ»-И ТУРКМАНИСТОН БОЗӢ МЕКУНАД

**Дастаи “Регар-ТадАЗ”-и Турсунзода дар марҳилаи интихобии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё бо дастаи “Аҳал”-и Туркманистон бозӣ хоҳад кард. Бозии ин ду даста дар нимаи дуюми моҳи август дар Тоҷикистон баргузор мешавад.**



Бар асоси низомномаи Конфедератсияи футболи Осиё (AFC), дастае, ки дар ин бозӣ пирӯз мешавад, ба марҳилаи гурӯҳии Лигаи чемпионҳои дуюми Осиё дар мавсими 2025/26 роҳ меёбад. Дар сурати нокомӣ, яъне мағлуб шудан дар ин бозии интихобӣ, дастаи “Регар-ТадАЗ” аз ҳақи иштирок дар Лигаи чемпионҳои дуюм маҳрум мешавад, аммо мустақиман ба марҳилаи гурӯҳии Ҷоми даъвати КФО (AFC Challenge League) мегузарад.

Чанде пеш AFC рӯйхати бошгоҳҳоеро нашр кард, ки барои ширкат дар мусобиқоти бошгоҳҳои қитъавӣ барои мавсими 2025-26 мучаввиз гирифтаанд. Дар миёни дастаҳои пазируфташуда ду намояндаи Тоҷикистон - «Истиқлол»-и Душанбе ва «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода низ ҳастанд. Акнун дар мавсими нав ҳарду бошгоҳ футболи Тоҷикистонро дар арсаи Осиё намояндагӣ мекунанд. «Истиқлол» (Душанбе), қаҳрамони Тоҷикистон дар соли 2024 ба марҳилаи гурӯҳии дуюми Лигаи қаҳрамонҳои AFC (Лигаи қаҳрамонҳои AFC 2) роҳхати мустақим гирифт. «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода), барандаи Ҷоми Тоҷикистон-2024, сафарашро бо бозии плей-офф барои ворид шудан ба курьакашии асосии ин мусобиқа оғоз мекунад.

## ҶОМИ ОСИЁ-2026

# МУСОВИИ ТОҶИКИСТОН БО ФИЛИППИН ДАР БОЗИИ ДАВРИ ДУЮМИ ИНТИХОБӢ

**10-уми июн дар Варзишгоҳи «Ню-Кларк-Сити» бозии даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «А» миёни дастаҳои мунтахаби Филиппин ва Тоҷикистон баргузор шуд.**

Ҳисоби бозиро соҳибони майдон дар дақиқаи 28-ум боз карданд. Бйорн Кристенсен буд, ки дарвозаи Рустам Ятимовро рахна кард. Баъд аз ду дақиқа Шервонӣ Мабатшоев ҳисобро баробар кард. Дар дақиқаи 42-юм Парвиз Умарбоев аз зарбаи ҷаримавӣ




ҳисобро 1:2 кард. Дар қисми дуюм филиппиниҳо ҳисобро баробар карданд ва ҳамин тавр ин вохӯрӣ бо ҳисоби 2:2 ба охир расид. Боз ҳам Бйорн Кристенсен буд, ки ба дарвозаи Тоҷикистон гол зад. Баъди ин мусовӣ ҳарду даста соҳиби 4-имтиёзӣ шуда, мутаносибан дар зинаҳои якум ва дуюми гурӯҳ қарор гирифтанд. Бозии навбатии дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 10-уми октябр дар Душанбе бо дастаи мунтахаби Малдив хоҳад буд. Филиппин дар даври навбатӣ бо Тимори Шарқӣ бозӣ мекунад.

Дар бозии дигари даври дуюм дар гурӯҳи “А” Тимори Шарқӣ муқобили Малдив бо натиҷаи 1:0 ғалаба ба даст овард.

Пеш аз ин бозӣ дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо дастаи мунтахаби Камбоҷа як вохӯрии санҷишӣ гузаронд ва бо мушкилӣ бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд.

## CAFA-U-20

# ПИРӮЗИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БАР АФҒОНИСТОН




**Дастаи мунтахаби ҷавонони то 18-солаи Тоҷикистон дар мусобиқаи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA U-20), ки аз 10-ум то 17-уми июн дар шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода баргузор мешавад, бозии аввалинашро бо дастаи Афғонистон баргузор кард.**

Бозӣ дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор баргузор шуда, бо ҳисоби 2:0 ба фоидаи дастаи мо анҷом ёфт. Бозии дуюми ҷавонони Тоҷикистон рӯзи 14-уми июн бо дастаи мунтахаби ҷавонони Қирғизистон аст.

Дар гурӯҳи «В» тимҳои ҷавонони Эрон, Ӯзбекистон ва Туркманистон бозӣ мекунанд. Бозии якум дар ин гурӯҳ байни дастаҳои Эрон ва Туркманистон бо ҳисоби 1:0 бар нафъи эрониҳо ба охир расид.

Бояд гуфт, ки асоси дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-18) аз бозигарони мунтахаби наврасони кишвар (U-17) иборат аст, ки моҳи ноябр дар Ҷоми ҷаҳон-2025 ширкат мекунанд.

## ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# ӮЗБЕКИСТОН БОРИ АВВАЛ БА ДАВРИ ФИНАЛӢ РОҲ ЁФТ

**Тими миллии Ӯзбекистон бо ба даст овардани роҳхат ба Ҷоми ҷаҳонии футбол, дар саҳифаи нави таърихи футболи ин кишвар номашро сабт кард. Ин дастоварди муҳим аввалин бор дар таърихи футболбозии Ӯзбекистон ба амал омад.**

Дар марҳилаи сеюми интихобии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 тими миллии Ӯзбекистон як давр пеш аз анҷоми бозиҳои гурӯҳӣ соҳиби роҳхат ба ин мусобиқаи бонуфузи ҷаҳонӣ гардид. Дар даври 9-уми бозиҳо дар сафар Ӯзбекистон бо АМА мусовӣ (0:0) бозӣ кард ва бо 18 имтиёз аз зинаи дуюм роҳхати мустақимро ба Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 соҳиб шуд. Дар бозии охир дар Тошканд дастаи Қатар бо ҳисоби 3:0 мағлуб шуд.

Дар ҳамин гурӯҳ тими миллии Эрон бо 20 имтиёз соҳиби



роҳхати Ҷоми ҷаҳонии футбол шуд. АМА ва Қатар дар марҳилаи чоруми интихобӣ барои роҳхати ин мусобиқа талош мекунанд. Қирғизистон ва Кореяи Шимолӣ - дастаҳои дигари гурӯҳ шонси бароmadан ба Ҷоми ҷаҳонии соли 2026-ро аз даст доданд.

Ҷоми ҷаҳонии футбол соли 2026 дар ИМА, Канада ва Мексика баргузор мешавад ва ин нахустин бор хоҳад буд, ки тими Ӯзбекистон дар ин мусобиқоти бонуфузи ҷаҳонӣ ширкат мекунад.

## РЕЗААХБОР



Собиқ сармураббии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон ва бошгоҳи «Истиқлол»-и Душанбе Мубин Эргашев роҳбарии дастаи «Саразм»-и шаҳри Панҷакентро, ки дар Лигаи якуми кишвар бозӣ мекунад, ба уҳда гирифт. Эргашев дар ин мақом Раҳматулло Фузайловро, ки чанде пеш аз ин вазифа истеъфо дода буд, иваз кард. «Саразм» баъд аз 9 давр дар зинаи охири ҷадвали мусобиқа қарор дорад.

***

Дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор бозии дӯстонаи дуюми дастаҳои мунтахаби футболи наврасони Тоҷикистон ва Русия баргузор шуд. Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-16) аз тими Русия (U-15) бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрд. Қаблан вохӯрии дӯстонаи якуми тимҳои наврасони то 15-солаи Тоҷикистон ва Русия бо натиҷаи мусовии 1:1 ба анҷом расида буд.

***

Дар Арманистон Ҷоми ҷаҳонии самбои варзишӣ баргузор шуд, ки ду паҳлавони Тоҷикистон соҳиби нишон шуданд. Беҳрӯз Ҳалимов дар финали вазни 64 кг намояндаи Туркманистон Санҷарбек Авазбердиевро мағлуб карда, соҳиби нишони тилло шуд. Комроншоҳи Устопириён (98 кг) дар финал аз намояндаи FIAS-1 Максим Мерзляков мағлуб шуд ва медали нуқра гирифт.

***

Марҳилаи сеюми даври интихобии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 дар Осиё ба охир расид. Аз се гурӯҳ 6 даста ба қисми финалии мусобиқа роҳ ёфтанд. Инҳо дастаҳои мунтахаби Эрон, Ӯзбекистон, Курияи Ҷанубӣ, Урдун, Ҷопон ва Австралия ҳастанд. Дастаҳои зинаҳои сеюму чорум дар марҳилаи чоруми интихобӣ дар ду гурӯҳи иборат аз седастаӣ мубориза мебаранд. Ғолибони гурӯҳҳо соҳиби роҳхат ба финали ҶҶ-2026 мешаванд. Ду дастаи зинаи сеюм барои ҳақи ширкат дар як бозии байниқитъавӣ мубориза мебаранд.




## РӮЗЕ, КИ АЗ МАНСАБ РАВӢ

Донӣ ту кадри бешу кам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ,
Афтӣ ба чоҳи дарду ғам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Яксон шавад карру фарат, холӣ бимонад соғарат,
Дигар набошӣ мухтарам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Боло равад қанду фишор, судат надорад хуҷу нор,
Ояд табибат дам ба дам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
З-ин пеш гар радди салом буд ҷониби омат гарон,
З-ин пас гурезанд аз ту ҳам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Лофу хушомадгӯйҳо, ҳам дилбару бешӯйҳо,
Аз соят гиранд рам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Дигар набошӣ дар назар болонишин, бологузар,
Гардад қади сарви ту хам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Гарданд ёрони ту дур, н-оранд аз пешат убур,
Худ бошӣ баҳри худ ҳадам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Дар чашми мансабдорҳо, пуркорҳо, бекорҳо,
Гардӣ залилу муттаҳам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.
Имрӯз дорӣ, кор кун, бо феъли бад пайкор кун,
То н-афтӣ дар ранҷу надам, рӯзе, ки аз мансаб равӣ.

**Иброҳими НАҚҚОШ**

## ҲАҚИҚАТ НАМЕМИРАД

Мундонӣ дар кӯча бонуеро мушаввашхотир дида, пурсид:
- Ба хайр аст?
Бону бо чаҳл посух дод:
- Ҳақиқат дар ҳама ҷо мурдааст, мефаҳмед? Мурдааст!
Мундонӣ ӯро таскин доданӣ шуда, гуфт:
- Ором шавед, ором. Ҳақиқат ҳаргиз намемирад.
- Аниқ намемирад?,- норозиёна пурсид бону.
- Бале,- гуфт Мундонӣ.- Чизи набуда ҳаргиз намемирад.

## ТУХМИ ДУРӮҒ

Бо Мундонӣ атрофи мавзӯе баҳс доштем, ки ду нафар аз дар даромаданд. Мундонӣ нахуст атрофиёнро ба ман шинос карду баъдан маро ба эшон муаррифӣ карда, гуфт:
- Ҳазратам деҳқонанд, деҳқон.
Меҳмон як ба ман ва як ба муаррификунанда назар андохта, пурсид:
- Ин кас чӣ хел деҳқонанд ва чӣ мекоранду чӣ парвариш мекунанд?
- Эшон,- гуфт бо ханда,- тухми дурӯғ мекоранду ниҳоли дурӯғ парвариш мекунанд.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## ҶАВОНӢ

Зан ба шавҳар:
- Дар ҷавонӣ аҳмақ будам, ки барои зани ту шудан розӣ шудам.
Шавҳар:
- Занак, ҳоло ҳам ҷавон менамоӣ.

## ЗОДРӮЗ

Шавҳар аз занаш мепурсад:
- Дар зодрӯзат чӣ тухфа кунам?
Зан:
- Ҷузвдон.
Шавҳар:
- Фақат ҳамин?
Зан:
- Бале, дарунаш пул дошта бошад, кифоя аст.

## МАНТУ

Аз марде пурсиданд:
- Манту ба забони русӣ чӣ тарҷума мешавад?
Мард гуфт:
- “Между нами”...

## ЗОҒ

Рӯзе зани Афандӣ ҷомашӯӣ мекард, ки нохост зоғи сиёҳ омада, аз назди собуни нисфшударо гирифта, парида меравад.
Зани Афандӣ ба сари шавҳараш мешӯрад:
- Шумо чӣ хел мардак, ки зоғ собуна бардошта рафту шумо чизе нагуфтед?
Афандӣ дар ҷавоб:
- Ҷаро ин қадар дод мегӯӣ, намебинӣ, ки либоси вай аз либоси мо ҳам сиёҳтару чиркинтар?!

## ЗАМБУРӮҒ

Марде ба меҳмонӣ меравад. Соҳиби хона дар сари дастархон аз меҳмон мепурсад:
- Замбурӯғ меҳӯред?
Меҳмон мегӯяд:
- Не, ташаккур, ман танҳо замбурӯғчиниро дӯст медорам!
Соҳибхона:
- Агар хоҳед, замбурӯғҳоро ба замин мепартоям...

## ВАСИЯТ

Хушдоман пеш аз марг ба домоду духтараш васият мекунад:
- Мурдаамро сӯзонеду хокистарашро аз тирезаи айвон ба баҳр пошед.
Домод мегӯяд:
- Хола, шумо чиҳо мегӯед? Шамоли баҳр чунон сахт аст, ки баъди як дақиқа шумо ба хона бармегардед.

## РАҚАМҲОИ НАВ

Ҷавоне аз дӯсташ мепурсад:
- Ман як чизро намефаҳмам, чаро калкуляторро дар смартфон таҷдид (обновит) кардан лозим аст?
Дӯсташ дар ҷавоб:
- Барои он ки рақамҳои нав пайдо шудаанд...

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

